Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.hamsafon.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

2 марти соли 2016, чоршанбе, №9 (1041)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ИФТИТОҲИ ТЕЛЕВИЗИОНҲОИ «ВАРЗИШ», «СИНАМО» ВА АКАДЕМИЯИ ВАО




*Дирӯз Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои тантанавӣ якбора се иншооти муҳими васоити ахбори омма - Муассисаи давлатии телевизиони "Варзиш", Муассисаи давлатии телевизиони "Синамо" ва Муассисаи давлатии "Академияи васоити ахбори умум"-ро ифтитоҳ намуд.*

Рӯзи Модар

## МУНОҶОТ БА МОДАР

саҳ. 4-5

## ДАР ҶУСТУҶӮИ ЮСУФИ «ГУМГАШТА»

саҳ. 10-11

Матолиби бештарро метавонед аз сомонаи **www.hamsafon.tj** мутолиа кунед.

Тандурустӣ

## ИЛОҶИ САРАТОН ЁФТ ШУД

саҳ. 15

# ИФТИТОҲИ ТЕЛЕВИЗИОНҲОИ «ВАРЗИШ», «СИНАМО» ВА АКАДЕМИЯИ ВАО



саҳ. 1

**Мавриди** зикр аст, ки таъсиси муассисаҳои нави телевизионӣ дар баробари шабакаҳои дигари давлатии телевизион ва радио дар даврони соҳибистиқлолӣ тӯҳфаи арзанда барои кормандони соҳа ва қадами бузурге дар роҳи таъмини амнияти иттилоотӣ ва пур кардани фазои иттилоотии кишвар мебошад.

Барои таъсиси Муассисаи давлатии телевизиони "Варзиш", Муассисаи давлатии телевизиони "Синамо" ва Муассисаи давлатии "Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон" Қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, шахсони соҳибтаҷрибаи соҳа роҳбарони академия ва шабакаҳои мазкур таъин карда шуданд.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон баъди буридани лентаи рамзӣ бо пахши тугмача ба пахши барномаҳои Муассисаи давлатии телевизиони "Варзиш" оғоз бахшид. Акнун дар шабакаи махсус ҳаводорони намудҳои гуногуни варзиш, мухлисони футбол метавонанд бо рӯйдодҳои олами варзиши мамлакат ва ҷаҳон шинос шаванд.

Барномаҳои шабакаҳои навтаъсиси телевизиони "Варзиш" ва "Синамо"-ро дар якчанд давлати дунё тавассути моҳвора тамошо намуда, наздики 60 фоизи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз пахши рақамӣ аз намоишҳо бархурдор мегарданд. Яке аз вазифаҳои дигари телевизионҳо ба воситаи завқу салиқаи баланд ва ба тарзи шоиста омода кардани барномаҳо, нишон додани зебоиҳои нотакрори табиати биҳиштосои Тоҷикистон ва таърихи фарҳанги пурғановати мо мебошад.

Дар ошёнаи якуми бинои тозатаъсис 15 ҳуҷраи корӣ, як китобхона, як студияи сабт барои Муассисаи давлатии "Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон", дар ошёнаи дуюм 17 ҳуҷраи корӣ ва ду студияи сабт барои Муассисаи давлатии телевизиони "Варзиш" ва дар ошёнаи сеюм 11 ҳуҷраи корӣ ва як маҷлисгоҳ бо 180 ҷой барои Муассисаи давлатии телевизиони "Синамо" ва Муассисаи давлатии "Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон" ҷудо карда шудааст. Маблағи умумии корҳои иҷрошуда 4 миллиону 221 ҳазору 661 сомониро ташкил медиҳад.

Баъди ифтитоҳи шабакаи телевизиони "Варзиш" ва шиносоӣ бо студияи сабт, танзимгоҳҳо ва дигар утоқҳои корӣ дар ошёнаи сеюми ҳамин бинои нав Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти Муассисаи давлатии телевизиони "Синамо" оғоз бахшид.

Шабакаи "Синамо" бо таҳияи филмҳои ҷолиб, инчунин таъриху тамаддун ва анъанаҳои қадимаи миллати тоҷик, зебоиҳои нотакрори кишварро дар ҷаҳон бояд муаррифӣ намояд.

Мавриди зикр аст, ки бо таъсис ёфтани се муассисаи мазкур 215 ҷойи кории нав, аз ҷумла дар телевизиони "Варзиш" 113 воҳиди корӣ, телевизиони "Синамо" 75 воҳиди корӣ ва Академияи васоити ахбори оммаи Тоҷикистон 27 воҳиди корӣ фароҳам оварда шуд, ки музди маоши моҳонаи кормандон то 2000 сомонӣ муқаррар гардидааст.

Баъди фароҳам овардани шароити корӣ дар ин муассисаҳо барои ҷалби мутахассисони ҷавону болаёқати соҳа озмун гузаронида шуд. Дар натиҷа мутахассисон аз шабакаҳои телевизионию радиоӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, варзишӣ, муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ ба кор қабул карда шуданд.

Барои пешбурди кори Муассисаи давлатии телевизиони "Синамо" ва Муассисаи давлатии "Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон" як қатор таҷҳизоти техникӣ ва маводҳои ороишӣ ба маблағи 1 миллиону 375 ҳазору 960 сомонӣ харидорӣ гардидааст. Маблағи харҷи таҷҳизоти техникии телевизиони "Варзиш" 1 миллиону 237 ҳазору 600 сомониро ташкил медиҳад.

Дар Академияи васоити ахбори омма шуъбаҳои телевизион ва радио, нашриёти даврӣ, технологияҳои иттилоотӣ, омӯзиши компютер ва ороиши дизайнерӣ амал мекунад ва бозомӯзии кормандони соҳа асосан дар ихтисосҳое ба роҳ монда мешавад, ки то имрӯз дар хориҷи кишвар омӯзонда мешуд.

Ҳамзамон, мутахассисони соҳа метавонанд аз махзани китобхонаи ин муассиса, ки дорои 8000 адабиёти илмию бадеӣ ва соҳавӣ мебошад, бемамоният истифода баранд. Муҳлати таълим дар Академия аз 1 моҳ то як сол буда, баъди омӯзиши барномаҳои таълимӣ ба шунавандагон шаҳодатнома дода мешавад. Инчунин, рафти омӯзиш бо истифода аз студияи таълимӣ бо воситаҳои аёнӣ ва техникаи муосир сурат гирифта, машғулиятҳо дар ин самт бо ҷалби собиқадорону мутахассисони варзидаи соҳа, коршиносони дохил ва хориҷи кишвар аз рӯйи ихтисосҳои барои кормандони васоити ахбори оммаи ҷумҳурӣ зарурӣ ба роҳ монда мешавад.

Баъди ифтитоҳи ин се муассисаи нав дар толори зебову барҳаво Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳа, рӯзноманигорони шабакаҳои телевизионию радиоии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбати самимӣ доир кард.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи ин муассисаҳоро ба ҳозирин табрик намуда, онро дар рӯзҳои аввали фасли зебои баҳор ва дар арафаи истиқбол аз 25 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯҳфаи арзандаи роҳбарияти давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ ба сокинони мамлакат маънидод кард.

# МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**29 феврали соли равон таҳти раёсати Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар оғози маҷлис бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмонзода Малоҳат муовини сардори Хадамоти алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шуд.

Сипас, ҳисобот дар бораи заминҳои мавҷуда, тақсимоти онҳо аз рӯйи гурӯҳҳо, намудҳо ва заминистифодабарандагони ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 январи соли 2016 шунида шуд.

Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба даъвати баҳорӣ ба хизмати ҳарбӣ ва рухсат додани онҳое, ки муҳлати хизматашон ба охир расидааст, таъсис дода шуд.

Лоиҳаи чанд қонун оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба як қатор санадҳои амалкунандаи қонунгузории кишвар маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Дар фароварди маҷлис Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз камборишии зимистони аввали баҳори имсола ва ҳамчунин фарорасии барвақти ҳавои баҳорӣ изҳори нигаронӣ карда, ба мардуми кишвар аз эҳтимолияти хушксолию камобии дарёҳо ва ҳамчунин аз хатари камҳосилӣ ҳушдор дод.

Дар робита ба ин ҳолат, маслиҳат дода шуд, ки бо истифода аз имконоти мавҷуда ба заминҳои кишоварзӣ ва боғу токзорҳо аз ҳозир фаровон об дода ва дар ҳар куҷое имкон ҳаст, об захира карда шавад.

Таъкид гардид, ки киштукори баҳорӣ ва ҳамаи корҳои кишоварзӣ вобаста ба барвақт омадани гармӣ ба роҳ монда шаванд ва маблағҳои мавҷуда ва тамоми воситаҳои моддию техникиро сарфаю сариштакорона истифода баранд.

Ҳамчунин таъкид шуд, ки чорабиниҳои давлатӣ ва анъанаю маросими серхароҷоти мардумӣ ҳам бояд бо хароҷоти камтарин ба роҳ монда шаванд ва мардум барои худ маводи ғизоӣ захира намоянд.

**Донистани қадри модар, ба ҷо овардани эҳтироми ӯ, муътабар донистани ҷойгоҳаш дар зиндагӣ ва арҷ гузоштани обрӯяш дар ҷомеа аз фазилатҳои ҳамеша таъкидшавандаи ҷомеаҳои ниёкони мо дар ҳама давру замон буд. Ин андешаи фарҳангии сарчашмаи мустаҳками аҷдодӣ аз рӯзҳои нахустини давлатдориву давлатсозияш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистони азизи мо, Сарвари ин давлат ва кулли тоҷикони ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмон, чун як фарзанди содиқ сармашқи амали хеш намуд. Ин сипосгузорӣ ба музаффариятҳояш баракат зам намуду аз қудрати дуои модари хеш ва ҳазорон модарони сулҳхоҳи дигар, парчами амониву осудагии меҳанро мустаҳкам боло зад ва аз баракати ин амали накӯ лаҳза ба лаҳза қимати модар боло намуда, қудрати давлатро қавӣ гардонид.**

*"Мо дар зиндагӣ ҳеҷ гоҳ наметавонем муҳаббате беҳтар ва ҳақиқиву самимитар аз муҳаббати модари худ дарёбем. Аз ин лиҳоз модар натанҳо азизтарин шахс барои ҳар як фарзанд, балки гаронбаҳотарин сарвати ҳар як халқу миллат мебошад."*

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# АРҶГУЗОРИИ БОНУВОНИ СИЁСАТМАДОР

Ҳанӯз дар солҳои ҷанги бародаркӯш як гурӯҳи модарони қавиирода ҳамсафари доимии Президент ва кӯшишҳои оромбахшии даҳшати ҷанг буданду мудаввом то ба имрӯз аз ин сиёсат пуштибонӣ мекарданду мекунанд. Эшон аз аввалинҳое буданд, ки шомили ҲХДТ гашта, ба роҳандозӣ намудани корҳои сиёсӣ, хешро масъул мешумурданду сиёсати ин ҳизбро барои мардум ташреҳ менамуданд. Маҳз онҳо бе ягон дурӯягиву тарсу ҳарос, ҳатто дар минтақаҳои даргир, дар гаравидани намояндагони сазовори мардум ба ин ҳизб ва бовар кардан ба ғояҳои онро чун василаи расидан ба сулҳу салоҳ, ташвиқу тарғиб мекарданд.

Президенти Тоҷикистон ин фарзанди арҷгузори модар буд, ки дар кишварҳои пасошӯравӣ ба намунаи ибрату ифтихор, яке аз нахустин Фармонҳояшро дар мавриди баланд бардоштани мақому манзалати занон дар ҷомеа роҳандозӣ намуд. Сипас, онро то кунун пайваста аз ҳар соле ба соле ва аз ҳар Паём то Паёми дигар сайқал додаву пурратар мегардонад, то ҷойгоҳи модарону занони тоҷику тоҷикистонӣ болову болотар бигардад. То рӯзе бирасад, ки аз квотаву мақомҳои дуюм дигар дар нисбати занон сухане намонад ва баробарҳуқуқии комиле, ки Конститутсияи кишварамон муқаррар кардааст, ба ҳадди ниҳоӣ дар ин ҷомеаи обод бирасад ва ҳар зани сазовор чун фарди муваффақи Тоҷикистон ба як бонуи дар сатҳи ҷаҳонии сиёсатмадорӣ, шинохта гардад.

Таҷлили Рӯзи Модар, ки худ ибтикори Сарвари давлатамон ба унвони боз ҳам болотар бурдани ҷойгоҳи модарон дар кишвар, дар иҷтимоъ, дар хонадон ва дар қалби мо фарзандон буд, тайи солҳои охир, чун мубороктарин арҷгузорӣ, ҳамчун иди муқаддаси сипос ба офарандагони заминӣ, ба нишони эҳтироми хосу ом ба модар, оне, ки лаззати ҳаёти мо дар дунё ва ошиқтарини ошиқонамон то лаҳзаи мамот ҳастанду ҳаётбахшу нахустин устодашон мехонем, буду ҳаст. Гоҳе, сухани пиру барно аз модар меравад, иқрорамон ин аст, ки нахустин ҳарфи гуфтаамон вожаи зебои "модар" асту охирин ҳарфи ба лаб доштаамон, ҳам "модар". Инак, ин ҷашни хуби сипосгузории хоса ба модарон боз тавъам бо баҳори гулбасар фаро мерасад.

Ба ин хотир роҳбарияти ҲХДТ як ҳамоиши дидaниву ба ёд монданиеро барои бонувони сиёсатмадори ҳизбӣ доир намуд, ки ин ҳам нишоне аз эҳтироми Рӯзи Модар ва шахсияти худи модарон маҳсуб мегардад. Дар ин дидор, ки воқеан ба гулчине шабоҳат дошт, ки аз гулзорҳо сараву баргузидааш, аз хонадонҳо шуҳратёртаринашон аз идораҳо беҳтарин ва аз бонувони номдори кишвар хидматкардаҳои то кунун соҳибэҳтироми ин диёр бо даъвати ҳизб сари мизи идона ба ҳам омаданд. Бо ҳам дидор диданд, радду бадали андеша карданд, аз дастовардҳо ифтихору аз осудагиву амонӣ шукргузорӣ намуданд. Бори дигар эҳсос карданд, ки заҳмату сарсупурдагиҳои эшон ҳеҷ гоҳе фаромӯш намегардад ва бо гузашти айём қадру манзалаташон боз болотар хоҳад гирифт.

Чеҳраҳои ошнову азизи занони парчамбардори сиёсат дар тӯли 25 соли соҳибистиқлолӣ - **Бозгул Додхудоева, Зебо Аминзода, Руқия Қурбонова, Латофат Насриддинова, Рафиқа Мӯсоева, Латофат Шарипова, Ҳусноро Мирзоева, Зууракан Давлаталиева, Шуҷоат Ҳасанова, Хайриннисо Юсуфӣ, Сумангул Тағойзода, Меҳриннисо Бобобекова, Раъно Бобоҷониён, Идигул Қосимӣ, Гавҳар Шарофзода, Ҷамила Лангариева, Гулнора Ҳасанова** ва дигарон ки ҳамеша боиси ифтихори ҷомеа буданду ҳастанд, ба ин маҳфил, ҳусни эътирофу эҳтиром мебахшиданд.

Кас бо дидани рӯи нуронии академик **Муҳиба Ёқубова,** ҳунарманди нотакрор **Марям Исоева,** бонуи аввалмақоми замони Шӯравӣ- **Гулҷаҳон Бобосодиқова,** зани дар ҷомеаи шаҳрвандӣ музаффару дар ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта **Вилоят Мирзоева,** нахустин чемпион аз миёни занони тоҷик **Зебуннисо Рустамова,** яке аз нахустин наттоқони телевизион **Рафоат Абдусаломова,** яке аз бонувони донишманду пештози сиёсати ҳизбӣ **Умринисо Казакова** ва дигар хонумҳои соҳибмақоми кишвар, шоирону журналистон, муаллимони шинохта, табибони ҳозиқ, варзишгарони номвар ва дигар бонувони рисолати сарварии ҳизбидошта аз кулли кишвар, гулҳои зеббахши ин давра, ин маҳфили сарвармодарон, ин ҳамоиши ифтихории ҷашнӣ буданд.

Мизбони ин маҳфили идона роҳбарияти созмони ҳизбии бонки саҳҳомии "Ориёнбонк", бо оростани хони шоҳона барои модарон бори дигар собит карданд, ки онҳо низ аз мақому мавқеи баланди модарон ифтихор дошта, сиёсати ҲХДТ-ро ҳамеша пуштибонӣ мекунанд. Дар ин бахш фидокории Ҳалқамо Тураҳоноваро чун як бонуи кордону ташкилотчӣ наметавон хоса қайд накард.

Дар ин ба ҳам омаданҳои модарон, ки нишони арҷгузориҳои ҳизб ба эшон чун ба як модар, зан, фаъоли иҷтимоӣ, бонуи хонадон ва чеҳраҳои сиёсат метавон унвон кард, иқдоми хосаи роҳбарияти ҲХДТ ва кӯшишҳои бевоситаи муовини Раиси ин ҳизби соҳибэҳтиром Раъно Бобоҷониён бо тозакориҳову пешниҳоди навҷӯёна дар ҳамоишҳои ҷашнӣ низ, қобили тазаккур аст.

Дар сиёсатҳои олами муосир қадри модари тоҷик бо чунин арҷгузориҳо шояд дар машриқу мағриб назир надорад. Зеро сиёсати бар пояи ахлоқу суннат устувори давлати мо, тавре муназзам шуда, ки муқаддас шумурдани шахси модар ва хидмату қимати шабзиндадориҳояшро қадрдонӣ кардан мудаввом тарғиб гардида, риояи эҳтирому арҷгузории ҷойгоҳашро торафт бештару беҳтар мегардонад.

*Рӯзи Модар ҳамарӯз асту ҷашни муҳаббатбори фариштаҳои хонадони мо доимо муқаддасу муборак. Пурмуҳаббаттарин ид ба ҳамаи мову шумо муборак бод, хонандаҳои азизи мо!*

**Хуриннисо АЛИЗОДА**



## Ба равони поки модарам мебахшам



# МУНОҶОТ

***Таҷлил аз рӯзи "Иди озодии занон", ки дар даврони мавҷудияти давлати пурқудрати Итиҳоди Шӯравӣ ҳамчун иди байналмилалии занон ҳамасола сурат мегирифт, аз нигоҳи мақому манзалат ва моҳияти худ дорои хусусиёти сиёсӣ буда, дар асоси тазоҳуроте, ки 8-марти соли 1857 аз ҷониби занони бофандаи Ню-Йорк бар зидди беадолативу истисмор ва қонуншиканиҳо бархоста буданд, бунёдгузорӣ гардида буд. Ин рӯз барои занони Ню-Йорк батадриҷ ҳамчун рӯзи таърихӣ азиз гашта, онро "Рӯзи занон" номгузорӣ кардаанд, ки баъдан ҷаҳонӣ шуд.***

**ХОСАТАН** ин рӯзи таърихӣ аз соли 1908 шурӯъ карда, ҳамчун рӯзи роҳпаймоиҳо ва гирдиҳамоиҳову тазоҳурот занҳоро дар қитъаҳои Америка ва Европа, инчунин Россия бо ҳам муттаҳид сохта, ба муборизоти сиёсӣ ба хотири ба даст овардани ҳуқуқҳову озодиҳо даъват мекард. Билохира, баъд аз талошҳои зиёд ин рӯз сараввал барои занҳои америкоӣ ва баъдан барои аврупоён ҳамчун **"Рӯзи занон"** эълон гардид. Дар соли 1911 вакилони дуввумин Конфронси байналмилалии занони сотсиолист аз асосгузори ҷунбиши сиёсии занон Клара Сеткина хоҳиш карданд, ки "Рӯзи занон"-ро ҳамчун **"Иди байналмилалии коргарзанон"** эълон дорад. Ба ҳамин тариқ, аввалин маротиба 19 марти соли 1911 дар байни занҳои сотсиалисти Австрия, Дания, Германия ва баъзе давлатҳои дигари аврупоӣ **"Рӯзи байналмилалии занон"** ҷашн гирифта шуд ва ҳамасола аз ин рӯз ҳамчун рӯзи баробарҳуқуқии занон бо мардон ва ҳуқуқу озодиҳои сиёсии занон таҷлил ба амал меомад.

Албата, ин ҷунбишҳо дар нимаи дуввуми асри XX то ҷое дар андешаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ба дараҷаи ифрот расонида шуда, новобаста аз фаъолияти васеъ ва доманадори созмонҳои байналмилалӣ дар бахши масъалаҳои занон дар бисёр кишварҳои Шарқ мақоми инсонии зан- модар дар поёнтарин ҷойгоҳ қарор гирифта, тамоми кароматти инсониву табиати латифи вай то ба дараҷаи хориву зорӣ кашида шуда буд.

Қобил ба зикр аст,ки аз рӯзҳои аввалини таъсиси давлати Шӯравӣ ин ҷашн дар саросари кишвар ҳамчун иди давлатӣ эълон гардид ва аз файзу баракати он занони тоҷик низ ба ҷову мақом ва мартабаҳои баланди сиёсӣ сазовор гаштанд ва дар баробари мардон барои эъмори ҷомеъаи навин паҳлӯ ба паҳлӯ корҳои бузургеро анҷом медоданд.

Баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ **"Иди озодии занон"** ва ё ба қавли мардум **"Иди 8 март"** дар ҷумҳуриҳои собиқ бо номҳои гуногун ривоҷу равнақ пайдо кард. Масалан, дар Арманистон ба худ номи **"Рӯзи модар ва зебоӣ"**, дар Ӯзбекистон ва Россия "Рӯзи Модар" ва ғайраро гирифтааст.

Соли чанде аст, ки бо ибтикори Сарвари давлатамон **"Иди озодии занон"** дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун **"Рӯзи Модар"** ҷашн гирифта мешавад. Ин рӯзи муқаддас ба хотири арҷгузорӣ ва бузургдошту ситоиш аз Модари бузурги тоҷик таъсис дода шудааст. Дар робита ба ин, ҳамасола рӯзи 8-уми март ҳамчун **"Рӯзи Модар"** ва идомаи анъанаҳои бостонии халқи тоҷик бо асолат ва муҳтавои азалияш таҷлил мегардад.

Бидуни шакку шубҳа Зан - Модари тоҷик ҳанӯз аз даврони тамаддуни куҳани миллат дорои ҷашни худ буда, шукуҳу баргузории он дар ҷалолу азамати эътиқодоти оини пешини қавми мо реша дошт ва ҳамчун оини муқаддас пазируфта шуда буд. Зеро зан барои аҷдоди фарҳангии мо ҳамчун унсури ҳаётбахш маънои буданро дар ҷовидонагӣ таҷассум карда, ҳамеша назди мардони асили худ дорои арзишу мақоми баланде буданд. Вале бо таассуф бояд зикр кард, ки чун дигар арзишҳои фарҳанги миллӣ аз сабаби ноогоҳиҳои таърихӣ ва гурез аз тамаддуни куҳани хеш мавҷудияти он дар гӯшаи фаромӯшӣ қарор гирифта буд. Занони пуршарафи миллат на ҳамчун занони америкоӣ 150 сол пеш аз ин бо муборизаҳои пай дар пай худ барои ҳифзи ҳуқуқҳо ва баробарӣ бо мардон ҷашнеро падид овардаанд, балки мардони ориёӣ дар ҳудуди 3000 сол қабл, ҷашни муқаддасеро ба хотири ҳифзи нуру зиё ва бақои модар ва бонувону хоҳарони худ таъсис дода, аз ин рӯз бо шаҳомати бузург арҷгузорӣ мекарданд ва садоқату самимияти бепоёни хешро арза медоштанд. Ин барои ворисони воқеии ин тамаддуни куҳан ифтихори азимест, ки наҷибзодагони аҷдоди ориёӣ барои занони худ чунин тақдимоти олитарини инсониро дар замони бостон арзонӣ доштанд. Ба ибораи дигар ниёгони тоҷикон ин неъматро ба занон ҳамчун нишони эҳтироми азим ба Зан - Модар, ки сарчашмаи ҳаёту бақои насли инсонӣ маҳсуб мегардад, тақдим кардаанд.

Дар масири таърих аз ҷашни мазкур дар рӯзи **"Исфандоргон"** ё **"Сипандормуз"**, ки дар асоси ахбори куҳан ба панҷумин рӯзи моҳи дувоздаҳумини соли шамсӣ ва ё хуршедӣ, ки мутобиқ ба 21 феврал - 21 марти соли мелодӣ мебошад, истиқбол ба амал меомад. Мафҳуми "исфандоргон" дар **"Авасто"** бо унвони **"Сипанта армайтӣ"** ва дар забонҳои паҳлавӣ ва форсӣ ба унвони **"Сипандормуз"** шуҳрат дорад. Бахши аввали калимаи мазкур аз мафҳуми **"Сипант"**, **"Сипанта"** ё **"Сипанд"** гирифта шуда, сифате мебошад, ки ба маънои **"поку муқаддас"** таъбир мешавад. Бахши дуввуми калима, ки **"армайтӣ"** хонда мешавад ба маънои **"фурӯтанӣ"** ва **"фидокорӣ"** аст. Ин луғат дар **"Авасто"** ба маънои **"замин"** таъбиру баён шуда, дар забони паҳлавӣ онро ба маънои **"хиради комил"** тарҷума кардаанд. Дар забони тоҷикӣ низ мафҳумҳои **"Модар-Ватан"** ва **"Модар - Замин"** аз ҳамин луғат сарчашма мегиранд.

Мувофиқ ба устураи қадима ду фариштаи бузург ва фидокор Сипандормуз - дар саросари олам ва - Ҳамшасипанд дар замин нигаҳбони сайёраи мо буда, дар доираи эътиқодоти бостонии тоҷикон **"Эзиди (Худои) бонуи замини сарсабз"** ва рамзе аз сарсабзӣ, хуррамӣ, самаранокӣ ва зоиш мебошад. Аҷдоди пешини мо ӯро **"Мазҳари муҳаббат",** сабру таҳаммул ва тоқату фурӯтании Аҳурумаздо медонистаанд ва Зан - Модарро ҳамсони вай қаламдод мекарданд.

Амшасипанд дар эътиқодоти бостонӣ духтари Аҳурумаздо буда, бояд заминро ҳамеша поку хуррам ва пурҳосилу босамар нигоҳ медоштааст. Сипандормуз бошад, фариштаест ба мисли замин бо сабру таҳаммул, фурӯтану пурҳосил, ки сулҳу созиш бо табиат аз сифатҳои бузурги вай маҳсуб мегарданд. Ҳамин аст, ки дар таърихи фарҳангӣ мо Зан - Модаро аз рӯӣ сабру тоқат, шикастанафсиву фурӯтанӣ, хоксориву созиш ва зоишу самаранокӣ ба ин фариштаи осмонӣ нисбат дода шуда, занҳоеро, ки дорои чунин фазилату хислатҳои нек мебуданд аз авлоду табори муборакки ин фаришта медонистанд. Чаро ки танҳо чунин тойифа занҳо дар вафодорӣ, меҳрварзӣ, фидокорӣ сабру саховат ва фурӯтаниву хоксорӣ ба вай монанд мешаванд.

Бо назардошти ин умумиятҳо ва сифату хислатҳои замину зан рӯзи паҷуми исфандмоҳ ва ё исфандоргон, ки мутобиқ ба 26-уми феврали солшумории мелодӣ мебошад, дар арафаи фаророасии Баҳори нозанин, ҳамчун рӯзи муқаддас ва **"Рӯзи Зан"** ҷашн гирифта мешуд. Дар ин рӯз занҳои қавми тоҷикон, мавриди ҳурмату иззат ва суҷуду гиромидошт қарор мегирифтанд. Дар робита ба иди **"Сипандормуз"** мардони табори мо вазифадор буданд дар накӯдошти занони хеш, яъне ҳамсару модару хоҳари худ бикӯшанд ва пурарзиштарину нодиртарин ҳадяҳоро ба онҳо тақдим кунанд.

Рӯзи Зан дар доираи эътиқодоти аҷдодӣ **"Рӯзи фармонравоии занон"** ва **"фармонбардории мардон"** буда, амри занон дар ин айём **"фармоне будааст"**, ки аз хурд то калон бояд ба он итоат мекарданд ва онро мепазируфтанд ва гиромӣ медоштанд. Ба ибораи дигар иҷрои бечуну чарои фармонҳои бонувон одобу тарбияи мардон ва ҷавонмардии онҳоро ҷилвагар месохтааст.

Яке аз бузургтарин файласуф ва муаррихи тоҷик Абурайҳони Берунӣ аз рӯи таҳқиқоте, ки пиромуни фарҳанги бостон ва урфу анъанаҳои гузаштагони худ дар "Китобу-т-тафҳим фи саноати ат- танҷим" ва **"Осору-ул - боқия"** анҷом додааст, чунин меорад: **"Исфандормуз фариштаи ваколатдор бар замин аст ва низ ба занҳои дурусткору пок ва шавҳардӯсту хайрхоҳ ваколатдор аст. Ва дар замони гузашта ин моҳ, ба василаи ин рӯз "Иди занон" будааст. Ва ҳанӯз ин дар Исфаҳону Рай ва дигар кишварҳои Паҳла** (*яъне сарзамини паҳновар*) **боқӣ мондааст. Ва ба форсӣ "мардгирон" мегӯянд."**

Абӯрайҳони Берунӣ ба хусус дар **"Китобу - т- тафҳим фи саноати танҷим"** таъкид месозад, ки "дар ҷашни мардгирон мутобиқи бовари омма рикъаи (мактуби) каждум ба сари дари хонаҳо меовехтанд, то аз газанд дар амон бимонад. Порсиён набиштани риқъаи каждумро бар дигарон хонанд, чаро ки занон бар шавҳарон иқтироҳҳо (маҷбур) кардандӣ ва орузҳо хостандӣ."

Мутобиқ ба **"Фарҳанги муъин"** **"рикъа"** ва ё **"номаи каждум"** дар тамаддуни бостони мо дуо ва номае ба шумор мерафт, ки вай дар **"Рӯзи занон"** ва ё дар рӯзи панҷум аз "Исфандормуз" дар қоғази чаҳоргӯша навишта мешуд ва дар се самти деворҳои хона насб мегардид. Девори муқобили пеши хонаҳо бошад, боз гузошта мешуд то хонадону зану фарзандон аз чашми баду балоҳои осмонӣ ва заминӣ нигоҳ дошта мешуданд.

Дар **"Фарҳанги ҷаҳонгирӣ"** низ омадааст, ки "муғон рӯзи нахуст аз панҷ рӯзе, ки дар охири сипандормузмоҳ аст ва рӯзи ҷашне, ки онро **"Ҷашни мардгирон"** хонанд аз тулӯи сапида, то тулӯи офтоб ба ҷиҳати дафъи ҳавом (*ҳашарот*) се руқъӣ менависанд ва онро ба се девори хона меҷаспонданд ва девори чаҳорум, ки садри хона аст, холӣ мегузоранд. Гӯянд дар ин рӯз Афридун тилисме фармудӣ ва самуми ҳавом (*заҳр пошидан ба ҳайвонот*) ва ҳайвонотро бибастӣ ва муиди нисбати он ки возеҳ навиштан **"Руқаъи каждум ("Номаи ақраб") буда ин аст, ки форсиён бад-он руқъа нависанд, ки ба номи Эзид ва ба номи Афридун."**

Ба қавли қисмати аъзами таърихнигорону фарҳангшиносони таърихи куҳан ҷашнҳои Исфандмоҳ ва хосатан ҷашни **"Сипандормуз"** ё **"Рӯзи Модар"** бо гардиши фалаки **"Роҳи каҳкашон"** иртиботи бевосита дошта буд, зеро дар ин давра пайвандҳои нуҷуми байни фалаки Парвин ва бурҷи Ақраб дар поёни зимистон ва оғози баҳор ба вуҷуд меояд. Ин пайванд ба таърихи 5-уми Исфандмоҳи хуршедӣ ва 26 феврали мелодӣ мутобиқ меояд. Аз ин рӯ **"Номаи каждум"** ва ё **"Ақраб"** дар иртибот ба гардиши фалак, бедоршавии замин аз сардии зимистон, омода шудани замин (модар) барои борварӣ ва самара таҳия гардида, ҳадаф аз навиштани он аз ҷониби ориётаборон зери паноҳи Аҳурамаздо, ҳамоҳангии бурҷи Ақрабу Парвин бо Офтобу Замин ва саломат нигоҳ доштани модар ҳамчун сарчашмаи насли одамӣ ва бақову зиндагӣ буд.

Қобил ба зикр аст, ки дар тамоми манбаъҳои таърихӣ аз ҷашни **"Рӯзи Зан"** ба унвони **"Мардгирон"**, **"Муздагирон"** ва **"Муждагирон"** ёд шудааст, ки ҳадафи меҳварӣ ва калидии он накӯдошт аз Зан-Модар буда, ба хотири ризоият ва хушнудии Сипандормуз фариштае, ки дар саросари олам заминро аз офатҳо нигоҳбонӣ ва ҳифз мекунад, сурат мегирифтааст. Дар ин рӯз ҳар амале, ки аз ҷониби мардон ба хотири зан анҷом мепазируфт, мавриди ситоиш ва мадҳу сано қарор мегирифт.

***Рӯзи зан дар доираи эътиқодоти аҷдодӣ "Рӯзи фармонравоии занон" ва "фармонбардории мардон" буда, амри занон дар ин айём "фармоне будааст", ки аз хурд то калон бояд ба он итоат мекарданд ва онро мепазируфтанд ва гиромӣ медоштанд. Ба ибораи дигар, иҷрои бечуну чарои фармонҳои бонувон одобу тарбияи мардон ва ҷавонмардии онҳоро ҷилвагар месохтааст.***

# БА МОДАР

Танҳо рақиб ва душмани Сипандормуз деви зулмату торикӣ ва бадбахтиву нохушнудиҳо - Таромайтӣ, мекӯшад дар ин рӯз сабаби ғамгиниву нофармоӣ шуда, рамзи ҳузури вай нохушнудии Зан - Модар шавад. Ин деви зулмату бадсиришт ба ҳар коре даст мезад, то дар рӯзи зоиши фарзанд, ки меваи боғи муҳаббати зану модар ва бақои насли он аст, модару фарзандро ба ҳалокат расонад. Аз ин рӯ, ҳар марде, ки ба зан-модар хиёнат ва беэҳтиромиву носипосӣ мекард, ӯро аз зумраи ёрон ва аз қабилаи Таромайтӣ мешумориданд. Ҳеҷ марде аз табори ориёӣ ба чунин мардҳо даст намедод ва ӯро аз давраи худ ронда, хору зор мекард ва аз нажоду нутфаи қавми худ намедонист.

Мувофиқи илми нуҷумшиносии ориёиҳо чаҳор ҳазору ҳаштсад сол қабл дар доираи ҳаракати **"Роҳи каҳкашон"** бурҷи ситораи ҳаждаҳор (Зих/Суъбон) аз қутби осмон фосила гирифта, дар як ҳаракати доирашакл ба даври нуқтаи қутби осмонӣ гардид ва ҳалқаеро ташкил дод. Дар асоси эътиқодоти бостонӣ ва устураи қадимиён ин ҳалқа рамз ва нишонаи ҳампаймонии бурҷи ситораи ҳаждаҳор (мор) ва қутби осмонӣ аст. Бо ҳамин ҷиҳат ин ҳалқаро **"Ҳалқаи меҳр"** ё **"Ҳалқаи паймон"** номида, онро рамзи пайванди насли одамӣ қарор додаанд. Ҳалқаи меҳрпайванди заношӯӣ, ки имрӯзҳо баъд аз ақди никоҳ домод ва арӯс ба даст мекунанд, аз ҳамон давра боқӣ мондааст ва ба фарҳанги аврупоиён аз тариқи меҳрпарастони Рум ворид гаштааст.

Дар **"Ригведа"** ва дигар матнҳои санскритӣ ҳиндуҳо аз ин ҳалқа бо мафҳуми **"Иолзоло"** ба маънои **"доира"** ёд мекунанд. Дар чаҳорчӯбаи ҳикмати **"Ҳалқаи меҳр"** пайванди миёни зану мард бо решаҳои асотирӣ дорои хусусияти бузург ва муқаддас будааст. Ҳамин аст, ки дар саросари «Авасто» дар гиромидошти мақоми зан ва иртиботи он бо зиндагӣ ва замин фарозҳое омадааст, ки пайванди зану мардро пайванди осмону замин мешуморанд, зеро чи тавре ки қаблан зикр сохтем, зан ҳамчун қудрати борварӣ, саховат, сабр, шикастанафсӣ ва фурӯтаниву хоксорӣ бо замин дар пайванд аст. Аз он ҷое, ки мард шароити борварӣ ва зоиши занро фароҳам меоварад, ба осмон мансуб шудааст, зеро осмон борон меборад ва офтобро ҳадя мекунад, то заминро дар оғӯши гарму амни хеш парвариш диҳад. Замин дар навбати худ зери сояи осмон инсонро парвариш дода, дигар мавҷудотро ба ҳаёт фаро мехонад ва дар оғӯш мегирад.

Дар эътиқодоти бостонии тоҷикон зану мард дар канори якдигар пайванди зиндагӣ ва маргро ба вуҷуд меоваранд. Зан бо таваллуди фарзанд омили зиндагибахш буда, аз сабаби он ки мард намезояд, ҳастии вай бо марг ба поён мерасад. Дар робита ба ин дар таърихи тамаддуни тоҷикон насли фарзандро аз модари ӯ медонистанд ва ба ивази он ки ӯро ба насаби падарӣ хонанд, бо аҷдоди модарӣ муаррифӣ мекарданд. Таъсири ин фарҳанги гузаштагони мо, ба хусус ба аҳли яҳуд хеле зиёд будааст, зеро дар анъаноти онҳо мақоми модар нисбат ба падар баланд мебошад ва яҳудияташон ба насаби модарӣ вобаста аст.

Бо таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳи баланди бонувон дар андешаи бостони тоҷикон метавон гуфт, ки дар тамоми давраҳои таърихии ин сарзамин чӣ дар устура, чӣ дар тимсол ва чӣ дар таърих нисбат ба зан-модар эҳтироми баланд доштанд ва ӯро мавриди парастиш қарор медоданд.

Тибқи сарчашмаҳо ҷашни **"Рӯзи Зан"** дар сарзаминҳои Эрону Мовароуннаҳр то асри 12 боқӣ монда буд. Ҳатто дар Руми Қадим, ки оини куҳани тоҷикон меҳрпарастӣ дар фарҳанги мардумони он решаи амиқ давонда буд, аз ин ҷашн таҷлил меоварданд.

Чунон ки қаблан гуфтем, ин ҷашни миллии аз хотирҳо рафта, дар кишвари мо дар солҳои охир ба тадриҷ эҳё мегардад. Гумон меравад,ки дар таърихи башарият ба мисли аҷдоди мо шояд дигар мардуме вуҷуд надошта бошад, ки ба ин қадимият аз ҷашнгирии рӯзи Модар - Зан маълумоте дошта бошад. Бидуни шак чунин ҷашн арзандаи ситоиш ва эҳтирому арзиш аст, зеро пояи асосии шукуфоӣ, бақо, амният, пойдорӣ ва оромии ҳаёт вобаста ба Зан-Модар ва муносибати ҷомеа ба вай мебошад.

Болотар аз ин қавму миллатҳои дигар бояд донанд, ки аввалин муассисони чунин ҷашни фарҳангии зебо ва дӯстдоштанӣ киҳо будаанд. Табақаи бофарҳанг ва зиёиёни тоҷик бояд ба хубӣ дарк намоянд, ки гузаштагони арҷманди мо ва хосатан равнақдиҳандагони фарҳанги волои миллӣ дар байни мардумони олам-давлати муқтадири ориёиҳо Ҳахоманишиён буд, ки беш аз 200 сол қариб нисфи ҷаҳон дар ихтиёри онҳо қарор дошт ва бад-ин восита падидаҳо ва зуҳуроти фарҳангии худ, аз ҷумла ҷашни **"Рӯзи Модар"**-ро барои тамоми кишварҳои тобеъи худ ба мисли ҷашни Наврӯз фароmиллӣ ва фароқавмӣ гардонида буданд.

Эҳёи иди **"Рӯзи Зан"**, акнун дар Тоҷикистон на танҳо ба хотири озодии занон, балки барои арҷгузорӣ ва эҳтироми самимӣ нисбат ба Модар - Зан зояндагон ва тарбиятдиҳандагони фарзандони Ватан, пайвастан ба ифтихору номуси миллӣ, эҳтиром гузоштан ба ин иди ҳувиятсози аҷдодӣ мебошад.

Кист Зан - Модари тоҷик, ки аз қаъри асрҳо барои ҷалолу азамати ӯ мардону фарзандонаш ҷоннисорӣ карда, дар баробари Худову китобҳои муқаддас ба номаш қасам мехӯранд ва ӯро гиромӣ медоранд?

Ҳанӯз бузургони мо медонистанд, ки оғози офариниш, ибтидову интиҳои олам дар раҳми модару замин аст. Бесабаб нест, ки дар устураи миллии тоҷикон аввалин инсони рӯи замин Каюмарс аз нутфае аз замин рӯидааст. Дар Қуръон бошад, зан ба мисли Тавроту Инҷил, дар шакли таҳқиромез аз қабурғаи чапи мард офарида нашудааст, балки зану мард дар офариниш ҳарду аз як ҷавҳар падид омадаанд. Болотар аз ин ислом биҳиштро зери қадами модарон қарор додааст.

Навиштаҳои зиёде доир ба модар дорем, вале ҳеҷ донишманде, шоире, нависандае, мутафаккире дар сатҳи устод Лоиқ Шералӣ (*шогирди сазовори устод М. Турсунзода*) натавонистааст дар тасвири ҳикмати волои олами пурасрори модари беозор, модари зебо, модари дилфаҳм ва ғамхор ба ҷавҳари офариниш рӯй биёрад ва вуҷуди саропо меҳрофарини ӯро ба қалам диҳад.

Устод Лоиқ мегӯяд:

***Гар шоирони олам якҷо***
***мадеҳа гӯянд,***
***Як байт ҳам наарзад андар***
***санои модар.***

Воқеан ҳам ҳақ барои ҷониби устод Лоиқ аст, ки модарро суруди ҷовидонае медонад, ки дар сӯзу наво ва аллаҳои вай ангезаи бузурге нуҳуфтааст. Ин оҳанг ҳамеша бо суруди ҳузнангези қадимӣ, ки аз моҳияту вуҷуди аллаи модар бармехезанд, танинандоз аст. Модари зор кӯдаки бо ранҷҳову бехобиҳо парвардаи худро бо суруди алла, ки аз сароғози ҳастии инсон сарчашма гирифтааст, мехобонд ва зери лаб замзама мекард, ки тифли гирёнаш калон шуда, ҳамчун нишоне дар ҷаҳон аз ӯ боқӣ монад:

***Аз миёни шӯру гавғои***
***ҷаҳони баччагӣ,***
***Аллагӯиҳои ту ояд***
***ба гӯши ман ҳанӯз.***

Зери қаноти модар буд, ки фарзандонаш дар фазои қуллаҳои зодгоҳи худ, сабукболона рӯи сабзаҳо беғам медавиданд ва гули кӯҳӣ мечиданд. Лекин модар дар хоби шабаш фарзандҳои ҷавонмарги худро дида, ба сӯи он бачаҳои беғам ҳамчун охирин дунёи умеди худ менигарист ва аз Эзиди пок сипосу мағфират мехост, ки ҳанӯз ҳам нишони гулу нуру шарофат аз вай боқиву ёдгор аст. Аммо афсӯс, фарзандон намедонистанд, ки олами дар худ ниҳони модар чӣ дорад. Модар ҳазорон маргу андӯҳу ғамро пушти сар карда, худ нахӯрдаву напӯшида, фарзандонро зери пар гирифта, бо сад ранҷ мепарварид ва бо забони шаккарин, то дили шаб бар ҷаҳони қиссаву афсонаҳо мебурд.

Аммо замоне фарзандон бузургшуда, аз он олами руъё ва зебо берун афтоданд ва ба ҳар сӯ рафтанд. Вай бо дуои хайри худ фарзандонро мағфирату раҳнамоӣ карда, ба китфи ҳар яки онҳо орд пошида мегуселонд, то ин ки мисли орд роҳашон сафед бошад. Аз нон пора медод, то ин ки ними дигараш бо ҷазбаи худ рафтагонашро ба наздаш боз гардонад. Вале он нони газида чун заҳре дар ком мемонд, зеро як нафас ҷудоӣ аз модар чӣ қадар сахт буд барои фарзандон. Кӯдакони навболу параш бояд мерафтанд, яке барои аскарӣ, дигаре барои хондан, саввумӣ боз ба кучои дигар. Ӯ фарзандонро ба роҳҳои дур гуселонда, аз ночорӣ дар худ фурӯ мемонд. Хати онҳоро ҳамчун суруди тӯй ҳарфоҳарф медонист. Ашк мерехт ва маъюс мешуд, лекин барои арӯсони худ бисоти тӯй меандӯхт. Шабонгаҳ мижа таҳ накарда, бо дастони ларзон, бо сад нияту орзу ҷомаи домодӣ медӯхт, ки онро рӯзи тӯй бар қади фарзанд дида, армонҳояшро бишканад. Барои рӯзи тӯй садаф меҷусту шаддаи марҷон ва бо дасти пурэъҷози хеш дастархони гулдузӣ меофарид. Ба зери дегдон оташ гардонда, дар ҳар шуълаи рақсони он чун фолбинон фарзанди худро дар ҳузури хеш мепиндошт.Ба ёди фарзандони раҳдур бо ғаму талвоса рӯзу моҳро мешумурд ва дар ҷонамози фарсуда зикри Худо мекард.

Аммо фарзандон баъд аз пазмони модар шудан соле як бор дурӯз ба он лонаи эъҷозкор ва назарногир ба меҳмонӣ меомаданд. Модар дар роҳи фарзандон обу адо гашта, синакӯбон ба пешвози фарзандон мебаромад.

Бӯи шинос, бӯи нону бӯи шири гарми навҷӯшида аз дастони Модар меомад, лекин офтоби зиндагии ӯ дар сари кӯҳе расида, панҷаҳои нарму печонаш ногиро шуда буданд, шуълаи ҳуснаш парида, чашмҳои барқфишонаш нобино шудаанд. Аммо, агар бар сари фарзанд ними шаб ногаҳон як мӯи сафед медид, бо алам оҳ мекашид ва бо рӯи пурожанги пурасрор ба фарзанд нигариста, нафасҳои ғаниматро мебурд. Хазонрезӣ ҳаёташ буд ва аз пешгоҳи кулбаи фартут хазон меруфт, хазонҳои дарахтони ҳаёти дастпарвардааш. Модар бо рангу рӯи монанди хазон зард ва дидагони хирабину ашкбор бо нигоҳи ҳузнангезаш ба фарзанд менигарист ва аз дасти бемадору ногиронаш ҷорӯб меафтод.

***Хазонрези ҳаёташ буд ва аз пешгоҳи кулбаи фартут хазон мерӯфт, хазонҳои дарахтони ҳаёти дастпарвардааш. Модар бо рангу рӯи монанди хазон зард ва дидагони хирабину ашкбор бо нигоҳи ҳузнангезаш ба фарзанд менигарист ва аз дасти бемадору ногиронаш ҷорӯб меафтод. Модар! Чӣ ҳарфи ризое ба ту гӯям, бубахшоям, ки ман хазони умрро рӯфта наметавонам.***



**МОДАР! Чӣ ҳарфи ризое ба ту гӯям, бубахшоям, ки ман хазони умрро рӯфта наметавонам.**

**МОДАР хуб медонист, ки сояи маргаш ба назди остонаш дом мондааст ва дар ин дунё, ба ҳар кас қисмативу навбате ҳаст, дар он ному насабе баркашида.**

**МОДАРАМ! Модари биҳиштиям! Афсӯс, ки бо Модар - Замин ва чархи гардон ҳамраҳу ҳампо шудаӣ ва дигар аз дарбача сӯи ман сар берун намеёзоӣ. Ту дигар дар миёни пиразанҳои кӯча бо ҳазору як таманнои ман ифтихор намесозӣ. Ту дигар ба хонаи ман намеоӣ!**

**МОДАРО, гарчӣ рафтаӣ зи дунёи дудар ва аз ҳавлии деворбастаат, вале дар дилу дар дидаву дар хотираи мо зиндаӣ:**

***Зиндаӣ, эй модари***
***ошуфтаҷонам, зиндаӣ,***
***Зинда дар байни замину***
***осмонам, зиндаӣ!***

Абдулвоҳид ШАМОЛОВ

Паём-2016

# СИФАТИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ БЕҲБУДӢ МЕХОҲАД

**Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар соҳаи маориф нисбат ба дигар соҳаҳо дар самти бунёду азнавсозии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешравиҳои зиёд ба назар мерасад. Аз ҷумла дар ин давра дар ҷумҳурӣ 2254 муассисаи нави таълимӣ, як қатор муассисаҳои типпи нав: гимназияву литсейҳо сохта ба истифода дода шудаанд.**

Бо мақсади шиносоӣ бо техникаву технология ва баланд бардоштани сатҳи сифати таълиму тарбия дар солҳои 2010-2015 "Барномаи компютеркунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки ин имкон медиҳад, ки сатҳи донишазхудкунии хонандагону донишҷӯён то андозае баланд бардошта шавад. Як иқдоми дигари Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироз намуданд, ин "Барномаи давлатии рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020" буда, имкон медиҳад, ки барои дар оянда тайёр намудани мутахассисони баландихтисос аз ҳозир замина омода созем.

Айни замон дар маҷмӯъ 35 ҳазор ҷавонони тоҷик дар мактабҳои олии хориҷи кишвар таҳсил карда истодаанд, ки ин падидаи хеле хуб аст, зеро дар оянда баъди хатми ин муассисаҳо мутахассисон ба ҷумҳурӣ баргашта дар пешравии иқтисодиёту иҷтимоиёт саҳмгузор мешаванд.

Бо вуҷуди ҳамаи заҳмату талошҳои дар ҳоли ҳозир сатҳу сифати таълиму тарбия беҳбудиро талаб мекунад. Чуноне ки маълум аст, асоси ҳамаи намудҳои тарбия дар оила гузошта мешаванд, вале мутаассифона аксарияти падару модарон ба ин диққати ҷиддӣ надода, дар натиҷа фарзандони онҳо аз таълиму тарбия дур монда ба корҳои ношоиста даст мезананд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" волидайн ва шахсони ивазкунандаи онҳоро ба тариқи зайл вазифадор менамояд, ки: "Барои сатҳи ҷисмонӣ ва равонии бача пайваста ғамхорӣ кунанд, ӯро ба мактаб омода ва барои инкишофи қобилиятҳои вай шароити зарурӣ муҳайё созанд; ҳуқуқ ва қадру қимати бачагонро ҳимоя намоянд; фарзандонро дар рӯҳияи башардӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳисси накӯкорӣ, раҳмдилӣ, муносибати боэҳтиромона нисбати аҳли хонавода, забони модарӣ, адабиёту таърих, эҳтиром нисбати арзишҳои миллӣ, таърихӣ, фарҳангии дигар халқҳо тарбия намоянд; ба онҳо барои гирифтани маълумот дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ мусоидат намоянд ва ё дар хона шароит муҳайё созанд, ки дар сатҳи талаботи давлатӣ маълумот гиранд; фарзандонро дар рӯҳияи эҳтиром ба қонун, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, риояи қоидаҳои ҳаёт тарбия намоянд". Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" гувоҳи он мебошад, ки падару модар дар таълиму тарбия гирифтани фарзандашон масъулиятро ҳис кунанд. Падару модарон бо фарзандонашон муносибати ҷиддӣ намоянд, то ки онҳо ба корҳои ношоиста даст назананд. Қонуни мазкур бисёр саривақтӣ мебошад, чунки аксарияти падару модарон то қабули ин қонун аз рафтору кирдори фарзандашон бехабар буданд. Минбаъд нисбати падару модароне, ки дар таълиму тарбияи фарзандонашон бемасъулиятӣ зоҳир менамоянд, мувофиқи Қонуни мазкур чораандешӣ карда мешаванд.

Барои ба ҷо овардани талаботи ин қонун падару модар бояд пеш аз ҳама ба ташаккулёбии муносибатҳои байниҳамдигарии фарзандон диққат диҳанд.

Ҳамаи ин дастгирию ғамхориҳои Президенти мамлакат, ки нисбат ба соҳаи маориф доштанду доранд, моро водор месозад, ки барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва тайёр намудани мутахассисони рақобатпазири бозори ҷаҳонии меҳнат тамоми чораҳоро андешем.

**Парвиз ЛОИҚОВ,**
*номзади илмҳои педагогӣ,*
*устоди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб*
*ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Пешгирӣ

## *ДАРИ «...ЗИКА»-ю «...ХУК»-ро БАСТААНД*

**Аз ҳангомаи паҳншавии бемории марговари Эбола оламиён ҳанӯз наосуда, боз ду маризии сироятии нав - вируси Зика ва зукоми хук мардумро як қадар ба таҳлука овардааст.**

**Ба иттилои ВАО, агар вируси Зика алҳол дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Федератсияи Русия ба андозаи андак ба қайд гирифта шуда бошад, зукоми хук мардуми Русия ва Украинаро аллакай хеле безобита кардааст.**

**Донистанист, ки ин кишварҳо аз шумули онҳоеанд, ки шаҳрвандони Тоҷикистон барои баровარда сохтани ниёзҳои хеш ба он ҷойҳо равуои доимӣ доранд.**

**Оё тоҷикистониён аз таҳдиди ин бемориҳои навзуҳур эмин ҳастанд? Бо чунин суол мо ба чанде аз масъулини давлатӣ муроҷиат кардем.**

**- Имрӯзҳо ҳар як сокини кишвар метавонад ба тамоми давлатҳои дунё сафар кунад ва ҳаррӯза шаҳрвандони мамлакат аз хориҷи кишвар ба Тоҷикистон меоянд. Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, шаҳрвандони Тоҷикистон бештар ба ду кишвари бузурги дунё - Русия ва Чин ба тариқи ҳавопаймо сафар мекунанд. Бо ин мақсад мо дар фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб барои пешгирии ин бемориҳо тадбирҳои ҳатмии муайянеро роҳандозӣ намудем, -гуфт намуд сардори шуъбаи қисми тиббии Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Кӯлоб Сайфуддин Юнусов.**

**Дар Фурудгоҳи байналмилалии Қӯрғонтеппа низ ин гуна илоҷҷӯӣ ба таври аҳсан ҷорӣ гардида будааст. Ба иддаои духтурони фурудгоҳи мазкур, ҳамаи тайёраҳое, ки аз фурудгоҳ озими дигар мамлакатҳо мегарданд ва ҳам вориди ин ҷо мешаванд, фавран бо маҳлулҳои вижаи безараргардонӣ поккорӣ гардида, беш аз 380 мусофире, ки дар як шабонарӯз ба ин ҷо мерасанд ва боз ҳамин миқдоре, ки аз ин ҷо ба хориҷа роҳӣ мешаванд, аз ташхиси тиббӣ мегузаранд. Ин тадбирҳо дар ҳар як тайёра дар шабонарӯз ҳамагӣ як маротиба татбиқ мегарданд.**

**Ҳамзамон, гуфта шуд, ки дар ҳарду фурудгоҳ барои дақиқтар огоҳ кардани мусофирон аз паёмадҳои гирифторӣ ба бемориҳои болозикр варақаҳои иттилоотӣ бо забонҳои тоҷикию русӣ таҳия ва тақсим мегардад.**

**Суханҳои фавқуззикри мутасаддиён гарчанде моро қавидил месозад, ки мо, хушбахтона, аз неши хомӯшакҳои "Aedes"-и вируси Зика ва ангезандаҳои зукоми хук осуда ҳастем, аммо набояд фаромӯш кард, ки "табиби ҳар шахс худи ӯст". Ин нуктаро алалхусус зимни мусофират ба кишварҳои дар зери "болҳо"-и ин ду беморӣ қарордошта ба ҳеҷ ваҷҳ набояд аз ёд бубарем.**

**Умед МИРЗОЕВ**

Ҳаёти ҳизб

# МУЛОҚОТҲО ДАР ФАЙЗОБОД



**ТИБҚИ** нақшаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи КИМ ҲХДТ гурӯҳи корӣ дар ҳайати раиси Шӯрои собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Руқия Қурбонова, сардори раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҷумҳурӣ Зафар Азиззода, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайрулло Асозода, директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмад Раҳимзода, устоди донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон дотсент Шодмон Ахмедов, муовини директори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Иномқул Буриев бо мақсади шарҳу эзоҳ додани нуктаҳои Паёми Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ ва лоиҳаи тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи ҷумҳурӣ ба ноҳияи Файзобод сафари корӣ анҷом дод.

Нахуст гурӯҳи таблиғотии мазкур дар кохи фарҳанги ноҳия бо кормандони сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, шахсони масъули мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод, аҳли зиё ва дигар фаъолони ноҳия ҷамъомад баргузор намуд. Зимни суханрониҳо ҳозирин зикр карданд, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати муҳими стратегиест, ки барномаи рушди Тоҷикистонро барои давраи кӯтоҳмуддат ва миёнамуҳлат муайян менамояд.

Соли 2016 бо дастгирӣ ва ғамхории бевоситаи Пешвои миллат музди меҳнати кормандони мақомоти ҳифзи ҳукуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 15 фоиз, кормандони соҳаи маориф бо шумули муассисаҳои томактабӣ, миёнаи умумӣ ва олӣ, дигар муассисаҳои соҳаи маориф, илм, фарҳанг, варзиш ва тандурустӣ 20 фоиз, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла хона- интернатҳо барои пиронсолону маъюбон, шуъбаҳои кӯмаки иҷтимоӣ дар хона ва истироҳатгоҳҳову осоишгоҳҳо барои собиқадорони ҷангу меҳнат ва шахсони ба онҳо баробар 25 фоиз зиёд карда мешавад.

Ҳамзамон дар хусуси баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иқтисодии кишвар, самаранок гардонидани иқтисодиёти истеҳсолӣ, саноатикунонии иқтисодиёт, баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва меҳанпарастии ҷавонон, маориф ва тандурустӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, муқовимат бо экстремизму терроризм ва коррупсия, нақши занон ва оила дар ҷомеа ва рушди кишоварзӣ ибрози назар карда шуд. Таъкид гардид, ки меҳвари асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои се ҳадафи асосӣ: таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ташкил медиҳад.

Бинобар ин, аз ҳозирин даъват ба амал оварда шуд, ки ҷиҳати иҷрои бемайлони нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон камари ҳиммат баста, барои дар сатҳи баланд ва ба таври сазовор ҷашн гирифтани 25-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаҳду талош намоянд. Аъзои гурӯҳи корӣ оид ба аҳамият ва зарурати баргузории раъйпурсии умумихалқӣ дар хусуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таърихи 22 майи соли 2016 ба ҳозирин маълумоти муфассал доданд.

Ин иқдом пеш аз ҳама ба хотири таъмини рушди бемайлони соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагонии мардум, мусоидат намудан ба рушди минбаъдаи равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати риояи онҳо, таҳкиму такмили асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, рукнҳои асосии он, мукаммалу самаранок гардонидани низоми мақомоти давлатӣ, мутобиқ намудани матни Конститутсия ба қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ ва истилоҳу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ сурат мегирад. Аз кулли иштирокдорон даъват ба амал оварда шуд, ки дар чорабинии муҳими сиёсӣ - раъйпурсии умумихалқӣ бо дарки масъулияти баланди инсониву қарзи шаҳрвандӣ иштирок намуда, тағйиру иловаҳоро ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ кунанд.

Чунин вохӯрию суҳбатҳо бо сокинони ҷамоатҳои деҳоти Меҳрободод, Мискинобод, Қалъаи Дашт, Чашмасор ва Бӯстони ноҳия низ барпо гардид. Дар вохӯриҳо раиси ноҳияи Файзобод Миралӣ Раҷабзода, раисони ҷамоатҳо, роҳбарони сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, масъулини мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод иштирок доштанд.

**Усмон СОЛЕҲ,** *сухангӯи ҲХДТ*

# Муҳаббати абадӣ ва иди мудаввом

***Табиитарину самимитарин ишқ ва муҳаббате, ки таҳмил намегардад, дӯстдорие, ки мактаб надорад, пазируфтае, ки ба дарси савод ниёзманд нест, ин меҳри ирсии модар ба мо ва ин меҳри мо ба модар аст.***

**МОДАР** он офарандаи заминӣ, он сарчашмаи муҳаббати ҷовидонӣ ва мӯнису меҳрубону ғамхори бе ғаразу бе миннат, оне, ки бо ҳама некиву бадиямон бо ҳама саркашиву сарсупурдагиямон бо ҳама хубу бадамон моро боз ҳам таҳаммул месозаду ба ҷон мепарварад, воқеан сазовори болотарин мақому мартаба дар зиндагӣ аст.

Модар ягона мавҷудест, ки Худованд рисолати офарандагияшро дар замин ба ӯ бовар кардаву биспурда. Фариштаи заминии ҳаёти мост, ки чашм ба ҷаҳони ҳастӣ во карда нахуст симои азизашро мебинему ғизои нахустинро аз пистони раҳими ӯ нӯши ҷон мекунем. Дар сангинтарин лаҳзаи дард исмаш ба забон оварда, кӯмакашро меҷӯем, аз хушбахтиҳои олиямон, аз бахти осмониямон, дастоварди арзишманду лаҳазоти ширини умрамон хушбахтиро бо ӯ тақсим кардан мехоҳем. Умри дарозро бо муҳаббати беинтиҳояш зиндагӣ кардаву номи накӯяш бар забон ҷон медиҳем.

Гоҳе, ки сухан аз мавқеи занон ё ҳамсарон меравад, шояд бигӯем, ки на ҳар зане ба мақоме лоиқ бошаду на ҳар бонуе баргузида. Аммо чун сухан аз манзалати модар меравад, сад дар сад ҳамагон ҳамақида бар онанд, ки волотар аз ин офарандаи заминӣ мавҷуде нест.

Агар барои эътирофи манзалату эътирофи мавқеи занон ҳар мардеро бояд дарси маърифат биёмӯзем, аз сиёсат огоҳаш бисозем ё тариқи қонун риояи ҳуқуқи занро муваззафаш бигардонем, барои дӯст доштану эҳтиром қойил будан ба модаронро ҳеҷ кадом иқдоме зарурат пайдо намегардад. Ишқе, ки худовандист, муҳаббате, ки худ модарзод аст, эҳтироме, ки ирсӣ асту бо шир омада, бо ҷон ҳам намеравад ва эътирофе, ки бо андак фаросат онро кулли одамӣ дарк мекунад, ин дӯст доштану азизу гиромӣ донистани модар аст.

Бале, ҳамон модаре, ки худованди заминияш мехонанд, фариштаи зиндагияш мешуморанд, олиҳаи офарандаи накӯиву дорандаи рисолати умрбахшоӣ ва сарчашмаи муҳаббати беҳудуду беинтиҳо буданаш дигар то абад собитшуда аст. Бар замми арҷгузориҳои ҳар лаҳзаву ҳамарӯзаву якумрааш боз тариқи гуморидани эҳтирому сипоси хосаи давлатӣ рӯзи ифтихорие, мақоми муҳтараме ва ҷойгоҳи олиест дар ҷомеаи муосири мо, ба унвони Рӯзи Модар!

Агар бигӯем, ки таҷлили хосаи рӯзе ба унвони Рӯзи Модар эҳёи яке аз суннатҳои ниёист, хато намекунем. Агар эътирофу эҳтиром бигзорем, ки ин ҷашн як шохаи хосаи сиёсатӣ иҷтимоӣ аст, боз ҳам иштибоҳе нест. Боз ҳам агар қойил бишавем, ки ин қадршиносӣ як эҳсоси табиии инсонист, ки ҳар нафаре онро ба ҷон мақбул медорад, на ғалат ҳасту на кашфиёте.

Зеро Рӯзи Модар ҳам ҷашни сиёсӣ, ҳам иди арҷгузорӣ, ҳам таҷлили гиромидошти муҳаббати модарӣ ва ҳам изҳори меҳри фарзандӣ ба таври хосаву мутантану ошиқона аз ҷониби мову шумост, ки ин бори дигар сари таъзим пеши пойи онест, ки худованде дар заминаш мехонанд.




Дар ҳама забонҳо дар ҳама миллатҳо, дар ҳама кишварҳо , дар ҳама замонҳо ва дар ҳама ҳолатҳо маҳз модар ва муҳаббати ӯ бе тағйиру беинтиҳову ҷовидонист. Ишқи модар ишқи заминиест, ки баъди мавташ ҳам кам не, баръакс афзунтар мегардад. Меҳри фарзанд ҳам барои модар ҳеҷ гоҳе намемирад, зеро муҳаббати ӯ баробар ба рӯҳу ҷони модар аст. Рӯҳ абадзинда буда, меҳри ба ҷон баробари модарро низ абадӣ гардонидааст.

Ба ҳар ишқе метавон шак овард, магар ба меҳри модар, ки он пояндаву ҷовидонист. Танҳо муҳаббати модар аст, беохир ва дӯстдории ӯст, ки замон, макон ва садде барояш вуҷуд надорад.

Модарони арҷманд, фариштаҳои зиндагӣ, муҳибони абадзиндаи ҳама давру замон, тавлидгарони муҳаббатҳои бетамаъ, бе ғараз, бе ҳирс, бе риё ва бе интиҳо, иди шуморо ҳар лаҳзаву ҳар рӯзу ҳар солу ҳар аср ва барои ҳамеша ҷовидон бояд таҷлил кард.

Саҷда ба пеши пойи ҳар модар мебояд карду гуфт: осудаву бо тафохур умр ба сар бибаред, дар кишваре бо номи зебои Тоҷикистон ва дар саросари оламе, ки маҳз шумо модарон меҳрбораш кардаед!

**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**

# «МЕХОСТАМ МИЛИСА ШАВАМ»



***Мамадалиева Анора Давлатовна 19 феврали соли 1968 дар н.Ҳисор ба дунё омадааст. Соли 1985 мактаби миёнаро хатм карда, ба факултаи химия ва биологияи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбедохил шуда, соли 1990 онро хатм кардааст. Аз он вақт то ба имрӯз дар мактаби миёнаи рақами 10-и ҳамин ноҳия ба таълиму тарбия машғул аст. Шогирдони муаллима имрӯз дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ фаъолият доранд.***

**ДАР АРАФАИ РӮЗИ МОДАР БО ЧАНД СУОЛ БА ОН КАС МУРОҶИАТ КАРДЕМ.**

**- Муаллимаи арҷманд, одатан инсон дар айёми кӯдакӣ орзуҳои зиёд дар дил мепарварад, нахустин орзуи шумо чӣ буд? Оё аз аввал мехостед, ки муаллима шавед?**

- Бале ҳар як кӯдак дар дил орзуҳои зиёде дорад. Ман ҳам чунин будам. Бисёр мехостам милиса дохил шавам ва ба халқу ватанам хизмат кунам, аммо ин орзуям фақат дар дил монд. Бо раҳнамоии волидонам ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе дохил шудам, ки аз онҳо басо миннатдорам.

**- Ба андешаи Шумо тарз ва услуби таълими имрӯза аз он солҳое, ки дар мактаб таҳсил мекардед, фарқ дорад?**

- Солҳое, ки мо дар мактаби миёна таҳсил мекардем, на он қадар шароитҳои хуби дарсхонӣ фароҳам буд, аммо барои толибилмоне, ки ҳозир дарс мехонанд, ҳама гуна шароитҳо фароҳам оварда шудааст. Масалан, синфхонаҳои гарм, дарсҳо бо истифода аз технологияи ҳозиразамон мегузаранд. Бисёр толибилмон кӯшиш мекунанд, ки ба мактабҳои олӣ дохил шуда, дониши худро сайқал диҳанд.

**- Ба назар мерасад, ки ҷавонон имрӯз камтар ба илму ҳунар майл доранд, ба андешаи Шумо сабаб дар чист?**

- Ростӣ, ин хел толибилмон низ ҳастанд. Яке аз ин сабабҳо телефони мобилӣ аст, ки падару модар ба дасти онҳо дода, кӯдакро беназорат мегузоранд ва маҳз беаҳамиятии волидон бачаро завқманд ба хондан намекунад. Ман бисёр мехостам, ки волидон фарзандашонро бе телефони ҳамроҳ ба дарс фиристанд, хусусан ба мактаби миёна.

**- Касби муаллимӣ душвор аст ё осон?**

- Фикр мекунам, касби муаллимӣ ин беҳтарин пеша аст. Ман мушкилии ин касбро ҳис накардаам. То ҳол вақте ки шогирдонам ба дарсҳо бо тайёрии хуб омада, иштироки фаъолона нишон медиҳанд, чи хел гузаштани дарсро ҳис намекунам.

**- Агар имрӯз пешорӯи Шумо барои интихоб касби дигаре бошад, ки манфиати бештаре меорад, онро интихоб мекардед ва ё ба касби худ содиқ мемондед?**

- Чи хеле ки мегӯянд, дарахт дар як ҷо месабзад. Ман касбу корамро хеле дӯст медорам. Аз инсон фақат номи нек боқӣ мемонад ва то вақте ҳастам, дар пешаи интихобкардаам содиқ мемонам.

**А.САФАРЗОДА**



Минбари халқ
2 марти соли 2016,
№9 (1041)

# НАКҲАТИ ГУЛҲОИ НАРГИС

*Субҳ медамид. Насими форами субҳ ҳастии Наргисро тароватӣ хоса бахшид. Махсусан бӯйи гулҳое, ки падари олимаш Моҳирхӯҷа Султонзода дар гулдонҳо парварида, дар назди тирезаи хонаашон гузоштаву ба ҳар яки он номи зебои духтаронашонро дода буд, димоғашро муаттар намуд. Наргис бо дасти рост аз ҷой бархост ва гули ҳамномашро бибӯйид ва каме ба фикр фурӯ рафта, ба гули рухсори худ ва гули гулдон нигарист ва саҳифаҳои ҳаёташро варақгардон намуд ва аз он накҳати гулро ҷӯё гардид..*



**НАРГИС** кӯдакӣ ва наврасиро дар оилаи зиёӣ аз сар гузаронида, ба роҳи мақсуд зина ба зина қадам гузоштааст.

Модараш зани соҳибэҳтиром, муаллима Зӯҳробону Раупова буда, доимо аз пайи фазлу дониши фарзандону шогирдонаш кӯшидааст. Ҳозирҷавобии духтараки хушгилу зебояш, Наргисро ба ёд оварда мегӯяд: "Боре дар яке аз барномаҳои идона дар шабакаи 1-уми телевизиони Тоҷикистон, ки ба рӯзи 8-уми март бахшида шуда буд, Наргиси 3-4 соларо ҳамроҳ гирифта будам. Барандаи барнома ба иштирокчиён рӯ оварда суол кард, ки бахшида ба модар кӣ шеър аз ёд мегӯяд? Наргис ғайри интизор: "Ман медонам" - гуфту бадоҳатан сурудеро қироат намуд.

Суханони софу беолоиши ва самимона гуфтаи Наргис, то ҳоло ҳам ба гӯшам мерасанд. Ба гумонам, фариштаҳо ба ниятҳои ӯ омин гуфтанд. Наргис ҷӯёи илму ҳунар гардид, ҳарчанд дар интихоби касб роҳи пурпечутобро тай карда бошад ҳам, барои ба мақсад расидан заҳмат мекашад.

Боре дар яке аз маҳфили адабӣ баромади ӯро, ректори онвақтаи Донишкадаи ҳунарҳои зебо Меҳрубон Назаров дида, Наргисро ба фаъолияти ҳунарварӣ даъват намуд. Ва ӯ донишҷӯи ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода гардид.

Наргис аз нав шукуфт. Садои дилаш ҳастии вуҷудаш ба таппиш омад. Наргис чун гул ба олами зебоӣ ворид гардид. Донишкадаи фарҳанг ва санъати ҶТ ба номи Мирзо Турсунзода дар боби тайёр намудани мутахассисони ҳунарманд на танҳо дар ҷумҳурӣ, ҳамчунин дар миёни дигар кишварҳои ҳамсоя нақши хосе дорад. Зеро бисёр дастпарварони ин махзани илму маърифат дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа хизмати босазое мекунанд.

Наргис низ ба олами ҳунар шомил гардида, кӯшиш мекард, ки яке аз толибилмони сазовори ин ҷо бошад. Ӯ пешбарандаи тамоми барномаҳои озмунии донишкада ва умумиҷумҳуриявӣ гардид. Ин буд, ки Наргис ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзодаро бо баҳои аъло, яъне бо дипломи сурх хатм намуда, устоди ҳамин донишгоҳ шуд.

Бо қомати баланду чеҳраи зебо, чашми шаҳлову ақли расо, лаҳни гуворо ва санъати нотакрораш ҳаводорони санъатро мафтун мекард. Баробари ин, ӯ касби коргардониро пеша кард. Силсилаи барномаҳои хотирмон ва асарҳои саҳнавиро рӯи кор овард.

Коргардонии Наргис дар барномаҳои калонҳаҷм мисли "Наврӯз - шоҳроҳи Абрешим", "Наврӯзи бузург", "Қатораи солинавӣ ", хеле диданӣ ва ҷолиб таҳия гардидаанд.

Наргис мавзуъҳоеро интихоб менамояд, ки ба синну сол ва доираи фаҳмиши донишҷӯён мувофиқ бошад. Ин ҳама аз дараҷаи фаҳмишу биниши ӯ шаҳодат медиҳад. Наргис ҳамчунин маълумоти дуюми олиро соҳиб шудааст. Донишкадаи андоз ва ҳуқуқро хатм карда. Ӯ ҳамчунин дар хонадон зани меҳрубон, модари 4 фарзанд мебошад.

Шавҳараш Шарифҷон Неъматов дар ҳар як кори ӯро ҳамдаму ҳамроҳ аст.

Аз ҳоли азизонашон махсусан бибиҷони қариб садсолааш доимо бохабар аст. Дуои ӯро раҳнамо ва мушкилкушои кори хеш меҳисобад.

Зеро бибии садсолааш Хосиятбону Султонова низ омӯзгор будаанд, садҳо шогирдонро тарбия ва ба роҳи рости зиндагӣ ҳидоят намудааст.

Наргис аз раҳнамоиву меҳрубонии модару модаркалон, падару устодонаш шоду масрур аст.Ӯ ҳар гоҳ ба ин даргоҳи маърифат ворид мегардад, ҳастияшро ҳисси ифтихор фаро мегирад. Чунки аз касби интихобкардааш қаноатманд аст. Зеро дар тӯли фаъолияташ чун омӯзгори соҳибтаҷриба масъалаҳои муҳими илму фарҳангро мавриди асари саҳнавӣ қарор додааст. Ин аст, ки обруву нуфузи ӯ миёни ҳампешагон сол аз сол меафзояд. Мо низ ба Наргис Султонова, устоди ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода комёбиҳои беназирро орзумандем.



**М. МАҲМУДОВ**

Писаре духтареро дӯст медошт ва хост бо ӯ издивоҷ кунад. Духтар ба ӯ гуфт: - Ман бо ту ба як шарт издивоҷ мекунам, ки дар рӯзи тӯйи арӯсӣ модарат наояд. Ҷавон ҳайрон шуд ва надонист чӣ ҷавоб гӯяд. Назди устодаш рафт ва бо хиҷолат аз ӯ пурсид: -Устод, падари ман дар синни яксолагиам вафот кард, модарам барои нигоҳубини мо, тамоми мушкилоти зиндагиро ба дӯши худ гирифт ва дар хонаи мардум хизмат мекунад, то барои мо рӯзӣ биёрад.

# ДАР ҶАҲОН ПАЙҒАМБАРЕ БОШАД АГАР....

Имрӯз духтаре, ки дӯсташ медорам, мегӯяд, ки модарат ба ҷашни арӯсӣ наояд. Худи ман низ аз ин кори модар шарм мекунам. Бигӯед, ки чӣ кор кунам?

Устод гуфт: - Ба хона бирав ва дастони модаратро бишӯ ва фардо назди ман биё, баъд посух мегӯям.

Ҷавон назди модар рафт ва бори аввал дастони ӯро фишурд ва дид, ки дастонаш чи қадар пажмурдаву афгоранд, аз азоби шустушӯи зиёд кафидаву дардманд шудаанд, бори аввал ба онҳо об рехта, шуст ва аз дидани дастони хуншори кафида ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуд. Дигар сабру қарор надошт ва ба устодаш занг зад ва гуфт: - Ташаккур, ки ба ман роҳи дурустро нишон додед, шахсе, ки тамоми зиндагиашро барои ман барбод дод, эҳтиромаш ҷовидона аст.

***Сад ҷону дил фидои як муддаои модар,***
***Фатҳу кушоиш орад, дасти дуои модар.***

...Модар ғарқи кор аст, гумон намекунад, ки ӯро назорат дорам. Аз сиххои яллакқоси ҷӯробдӯзӣ чашм намеканад ва онҳоро бо ангуштони ларзонаш маҳкам дошта, аз миёни ҳалқаҳо мегузаронад. Аз он гӯшаи дури ҳуҷра, ки дар он модарам нишастааст, ба ман як гармие мерасад. Ман меболам ва ба сӯи ӯ мешитобам, то насиби як каф дуои модар гардам ...



Бузургии модар дар он аст, ки ҷони фарзандонашро аз худ азизтару болотар медонад. Аз ин ҷост, ки мо ӯро муқаддас мешуморем, дар ҳамаи лаҳзаҳои ширинию талхии ҳаёт номи ӯро бо эҳтиром ба забон мегирем.

Оре, модар бузург аст. Бузургиаш на танҳо дар он аст, ки фарзандро ба дунё меорад, инчунин омӯзгори аввалини ӯ мебошад. Шабу рӯз дар орзуи он аст, ки вай боодоб, босавод ва ҳунарманд ба воя расад. Ҳоло ки фарзандаш роҳравиро меомӯзад, ба вай аввалин калимаҳоро ёд медиҳад. Дар синни се - чор солагӣ бошад, тарзи рафтору кирдор ва бо калонсолон муомила карданро нишон медиҳад.

Фарзандони зиёдеро ном гирифтан мумкин аст, ки дар ҷомеа соҳиби эҳтироми умум гашта, сазовори умеду орзуҳои модар гардидаанд. Дар ҳадиси Паёмбарамон омадааст: "Биҳишт дар зери қадами модарон аст". Ҳаким Низомӣ ин ҳадисро чунин ба назм даровардааст:

***Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,***
***Дар зери қудуми модарон аст.***

**Салим ГАДОЕВ**, *омӯзгор*

**Ҳафтаномаи "Минбари халқ" иқдоми тозаеро роҳандозӣ мекунад. Сароғоз аз "Рӯзи Модар" чеҳраҳои шинохтании занони кишварро, таҳти унвони "Бонуи муосир" ба ҷомеа муаррифӣ менамояд.**

# РАНГҲОИ ХОСАИ МИЛЛӢ ШАБЕҲИ РАНГИ ОРЗУҲОИ ӮСТ



## Муаррифӣ

*Зодаи шаҳри Душанбе аст. Зодрӯзаш 9-уми сентябр буда, чанд солест, ки онро дар "Наврӯзгоҳ" бо ҳузури ҳазорон нафар одамони табъи болидаву идона дошта, хоса бо дидори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти азизамон, бо ширкати кулли аъзои Ҳукумат ва сарварони идораву ташкилотҳо мегузаронад, зеро тавъам бо ҷашни Истиқлолияти давлатӣ аст. Албатта, касе пай намебарад, ки ин мавлуди як духтари тоҷик аст, зеро он рӯзи бузургтарин ҷашни сиёсии миллии мост, аммо ифтихори дар ин рӯз ба дунё омадан, насиби Макнуна Ниёзова ҳам ҳаст. Ӯ дар ин рӯзи хосаву ифтихорӣ дар ин ҷашнгоҳ як шахси нонамоён, вале хеле зарурист, чунки ҷилваи рангҳои миллӣ ва ороиши ин саҳнаи бузурги ҷашнӣ бо тарҳи кашидаи ӯ ва ӯ баринҳо оро меёбад, ки аксариҳо аз заҳмати эшон пайхас ҳам намешаванд. Аммо лаҳзае, ки Сарвари давлатамон он дастагули ифтихории шоҳонаро ба аҳли ҳунар эҳдо месозад, Макнуна худро эътимод мебахшад, ки чанд донае аз он гулдон мутааллиқи ӯст, ба ҳайси як муаллифи зебоиофари ин саҳнаи мутантан.*
*Узви фаъоли ҲХДТ буда, андеша дорад, ки чун дастпарвари он ба қуллаҳои баланди сиёсатшиносӣ бирасад ва фарди пешгоми ҷомеа бошад, то дигарон дарк созанд, ки идеологияи ин ҳизб андешаи пешбаранда дораду ҷомеасоз аст.*
*Макнуна хатмкардаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон буда, айни замон раҳбарии Маркази таълимӣ-тренингии назди Донишгоҳи технологиро ҳам бар дӯш дорад.*
*Соли 2010 дар озмуни Тарроҳони ҷавони дунё, дар шаҳри Москва нахустин сертификаташро гирифтааст. Соли 2011 аллакай ғолиби ҳамин озмун гашта, коллексияи "Тӯмор"- аш ӯро миёни дигар довталабон, овозадор мегардонад. Бо дарёфти роҳхат ба шаҳри Лас-Вегас аз он ҷо бармегардад, вале маблағи ширкат дар ин озмуни байналмилалиро наёфта, дарров ноумед намешавад. Тайёриро барои солҳои баъдӣ пухтатар мегардонад. Соли гузашта бошад, дар шаҳри Алма-атои Қазоқистон боз ғолиби чунин як озмун мегардад ва ҳамакнун барои ширкат дар намоиши мӯди Сеули Кореяи Ҷанубӣ роҳхат мегирад.*
*Умед дорад, ки ин сафар сарпарасти худро пайдо хоҳад кард. Ҳунари дӯзандагиро нахуст аз модар омӯхта, дар донишкада онро илман асоснок намуда, ба ҷомеаи хеш пешниҳод кардааст. "Занони муосири ҷомеаи мороояндаи рӯшане дар пеш аст, зеро онҳоро Президенти азизамон дастгирӣ менамояд", - мегӯяд Макнуна Ниёзова.*
*Умедвор аст, ки рӯзе мерасад бо дастгирии падари маънавияш Сарвари давлат Маркази Президентии ҳунаромӯзии бонувонро таъсис бидиҳад ва либоси миллии тоҷиконро ба фарҳанги ҷаҳонии либос пайванд дода, машҳури олам гардонад. Таъсиси як осорхонаи либоси миллӣ аз орзуҳои стратегии Макнуна буда, либоси миллиро аз саҳна ба ҳаёт, яъне ба тани одамон баргардонидан мехоҳад. Ақидаест, ки ҳар садсола муҳит, фарҳанг, иқлиму илму сиёсатҳо тағйир меёбанд. Итминон дорад, ки фарҳанги ин садсоларо макнунаҳо бо ақлу идрок ва ҳунарҳои миллии тоҷикӣ тағйир хоҳанд дод.*

## КИСТ Ӯ?

**МАКНУНА НИЁЗОВА.** Ин ном шояд бароятон ошност, зеро чандест нахуст расонаи ва баъдан вирдизабонӣ, пасон шинохта ва то андозае эътирофгашта ҳам шуда.

Кист ин бонуи хушсалиқаи зебосурат ва бо чӣ мақсаде ӯро хайле аз мардум меҷӯянд, меёбанд ва мекӯшанд, ки бо ӯ риштаҳои дӯстиву корӣ пайванд бисозанд?

Таррох, яъне хунарофарест бо диди тоза, бо ҷасорат, бо ихтисоси муосир ва бо диле софу раҳмин. Ниятҳои накӯ ва орзуҳое хеле осмонӣ. Дар қалби ин бонуи ҳанӯз ҷавон як олами афсонавию заминӣ бо нақшаҳои хеле ҷолиби амалишаванда ва орзуҳои садранге чун ҳама занони романтик, вале мақсадҳое айни замон ҷотеъ, баҳам мехӯранд. Дар ин умри кӯтаҳи хеш аз сараш сангиниҳои бисёре гузаштаанд, ки хушбахтона натавонистанд китфони нозукашро хам ва иродаи ҳанӯз шаклногирифтаашро варшикаста созанд.

Миёни ҳамсолонаш, ки бояд боди ҷавонию ҳусн форигболаш мекард, бо худ иҷозаи нозпарвардагӣ надод. Миёни ҳафт духтари волидонаш дар аввалин ҳасту на хурдӣ, вале бори мардӣ ва шарафи сарпарастиро ӯ худ ихтиёран бар дӯш гирифт, то вожаи беписарӣ дар ин хона боре ҳам ёдрас нагардад.

## ПАНДИ ПАДАР

**СОЛҲОИ** наврасияш, он айёме, ки бояд зери боли падари омӯзгору вакилу олимаш ва модари чун ҳама модарон меҳрубону бо фарзандон ошиқаш бо нозу пардоз мезист, аммо ин давра ба солҳои гушнагиву камбағалии саросарии баъдиҷангӣ рост омад.

Оре, ҳанӯз дар 13-14 солагӣ даст ба кору дил ба мактаб бори рӯзгор мекашид, пахлӯи падар. Он рӯзҳоро қариб ҳама ёд доранд. Бе нонӣ, бе маошӣ, бе либосӣ, бе оромишиву ноамнӣ ...

Шояд садҳо ҳамсолони барвақт "савдогаршуда"-и замони кӯдакии Макнуна дигар аз роҳи омӯзиш худро канор гирифта бошанд. Вале ба гӯши ӯ панди пайвастаи падар, ки: "Духтарам, ин рӯзҳои сахт мегузаранд, ту ояндаатро бояд насӯзӣ. Ман умедворам, ки ту идомадиҳандаи роҳи падар гаштаву устоди донишгоҳ мешавӣ", мудаввом садо додаву лаҳзае хаёлоти кӯдакии ӯро тарк намекарданд.

Падараш, Маҳкамбой Ниёзов дар симои ин фарзанди дидадаро, баҳуш, сахтпаймон ва боиродааш аллакай як шахсияти муосири ояндасозро медид. Зеро худ умрашро чун устоди донишгоҳ ба тарбияву омода кардани омӯзгорони оянда сарф карда буду чун рӯҳшиносе аз ботин, ба иқтидори дарку фаҳмиш, ҷолокиву заҳматписандӣ ва зеҳну ақли расои духтараш хуб огоҳӣ дошт.

Ҳанӯз замони дар курси якуми донишгоҳ таҳсил кардани Макнуна падараш гирифтори бемории қанд гашт ва дигар дар он солҳои қаҳтии доруву дармон умеди шифо ҳам аз дили аҳли оила рахти сафар баста буду ҳам аз қалби падар. Макнуна бо орзуи падар пайи омӯхтани касби тарроҳӣ рафта буд, вале акнун сари болини ӯ бояд чун парастор, ба ҷойи писар менишаст. Хост, хонданро муваққатан тарк созад, вале падар шогирд ва дӯсташ Нуралӣ Шоев-ректори имрӯзаи Донишгоҳи технологиро даъват кард ва аз Макнунаву ин устодаш, ки ҳамсоя ҳам буданд, қавл гирифт, ки таҳсили илм ваояндаи некро сазовор шудани духтараш бояд, муҳимтарин кори ҳаёти имрӯзаи вай бошад.

Марги бармаҳали падар ӯро мардтар кард, зеро акнун пеши рӯҳи волидаш қарзу қавл бояд иҷро мекард. Аз ҳеҷ коре ор намекард, Макнуна. Ба боғчаву мактабҳо ҳунари рассомиашро пешниҳод мекарду дар тирезаи мағозаву фурӯшгоҳҳо арчаву гул кашида, маблағ меёфт. Бори сангини рӯзгордориро ба ҷисми нозуки занона, акнун мардона мебардошт. Гоҳо фиребаш мекардаанду ҳақмуздаш намедоданд, вале раҳкирои хоҳару апаҳо ва хӯрокаву пӯшокаи фарзандони падарро ба қадри ҳол Макнуна, бо ҳунар ва дастони хастагинопазираш меёфт. Наменолид, намехобид, вақти бемор шудан надошт, дугона надошт, либоси хуб ҳам намеёфт, вале дил меёфт, кор буд мекард. Сарфаҳми зиндагӣ мерафт, бо дарки ҳанӯз кӯдакона.

Устодаш Нуралӣ Шоев ҳам пайи иҷрои қавли ба дӯсташ дода, ӯро қатори фарзандони худ медонист ва дар парвариши зеҳну заковаташ падарона заҳмат мекашид. Макнунае, ки ҳанӯз талабаи мактаб ба коргар буд, донишҷӯиро ҳам тавъам бо меҳнаткашӣ сипарӣ мекард. Бо хатми таҳсилоти олӣ ӯ аллакай таҷрибаи коргузорӣ ва ҳатто омӯзгорӣ дошт. Дар донишгоҳ акнун Макнунаи ҷавон рӯзона устодӣ мекарду шабона дӯзандагӣ. Чунин тарзи ҳаёт ҳам барояш маблағу маош медод ва ҳам таҷрибаву сайқали ҳунар.

## ЗИНДАГИИ МАРДПАРВАР

**МАКНУНА,** инак, ёди замони кӯдакиашро бо ашки шашқатор, ёди давраи ҷавониашро, ки заҳри бепадариро он вақтҳо чашида буд, бо ҳузни олудаи афсӯс ба хотир меорад, вале боз шукр мегӯяд. Шукр аз он ки Худованд барояш сабр, таҳаммул, ақл, ҳунар ва чаҳор ишкели бутун додааст, то хор нагардад. Вале қисмат ба ин духтари зодаи заҳмат боз ҳам гузашт накард. Хонадоршавиаш ҳам қиссаест, ки аз саргузаштҳои оддӣ тафриқадор. Ва чун тақдири тифливу ҷавониаш боз сангину сангинтар. Вале ӯ боз ҳам нашикаст. Зеро чизе, ки Макнуна дорад, аксариҳо надоранд. Он иродаи матинест, ки шавқ ва зиндадилӣ роҳбалади мекунад.

Макнуна аз хурдӣ бо орзуҳояш, бо тахайюлоти рангинаш аз ҳамсолон фарқ мекард. Ӯ ҳамеша хокро аз хокдони баланд гирифтан мехост. Эътимоди қавӣ дошт, ки амалӣ кардани орзуҳоро танҳо қудрати танбалиро осудагиро напазируфтанаш амалӣ карда метавонад.

Ӯ ҳеҷ гоҳе таътил надошт, имрӯз ҳам истироҳат надорад ва ба "наметавонам" гуфтан забонаш намегардад. Зиндагӣ ӯро дар кӯдакӣ калон кард. Аз ин рӯ дар ҷавонӣ хирадмандӣ мекунад, то ба он орзуҳои рӯъёияш бирасад. Зиндагии вазнини замони кӯдакӣ ӯро гӯё мард кард, зеро дунё худ мардпарварро асту заифонро хуш надорад. Аз ин рӯ бечоранолӣ накарда, камар басту сарпарасти оила гашт ва имрӯз ифтихор дорад, ки ҳунар ва сабурияш нону номаш медиҳанд.

## РАНГҲОИ ОРЗУ

Макнунаро як тарроҳи чирадасти аллакай соҳибном буданаш ба ҳеҷ вачҳ таскин нест. Ӯ дар сар ниятҳои болотар аз ин дорад. Хуб медонад, ки метавонад худ соҳибмактаб бошад.

- Боре замони донишҷӯӣ ба Президенти Тоҷикистон, ба падари маънавии ҳамаи ятимон, ба Пешвои миллат ба Сарвари тоҷикони олам, ба инсоне, ки вақти диданаш ҷозибаи хосе, аз фарри пешониаш ҳувайдост, гул доданро ба ман бовар карданд. Мане, ки нав падар гумкарда будам. Мане, ки ҳанӯз ба маънои тамом кӣ будани Сарвари давлатро ҳам шояд намефаҳмидам. Чӣ эҳсосе бо дидани ин марди накӯрой аз дилу рӯҳам гузаронидам, худам медонаму Худо- қисса мекунад Макнуна.

Он фазое, ки пур аз эҳтиром, тарс, ҳаяҷон, ифтихор ва орзуи он дидоре, ки нафарони зиёде соатҳо интизораш буданд, ҳини дидани чашмони пур аз муҳаббати падарона ва чеҳраи пурнури худододааш, маро он қадар тасхир кард, ки ба худ қавл додам, ки ман ҳам бояд дар ҳамин тим бошам, дар командаи Президент. Ман ҳам бояд фарде бошам, ки сазовор ба унвони як зани муосиру сарвар,- идомаи орзуҳояшро изҳор медорад ӯ.

Рангҳои хоси миллатамонро он рангҳоеро, ки Парчами миллии Тоҷикистонро тасвир месозанду оламиён тоҷиконро бо онҳо мешиносанд, дар тарҳи либоси хоси тоҷикӣ машҳури дунё кардан мехоҳад, Макнуна.

-Ба ин мақсад омӯзишу меҳнати хешро, сайқали ҳунари худро, ба оламиён ошно кардани фарҳанги либоспӯшиву таърихи либосдории миллиамонро дар дараҷаи аввали орзуҳоям гузоштам, - мегӯяд Макнуна бо нигаҳҳои пуррозу дили пурорзу чашм ба дуриҳо дӯхта. Ба дуриҳои хеле дур, баояндае, ки аз дур бо рангҳояш зебо медурахшад.

Ранги сафеди софӣ, ранги сурхи ҷасурӣ, ранги сабзи шукуфоӣ дар Парчами Тоҷикистон бо садрангии орзуҳои Макнуна аз дур тавъам партавафшонӣ мекунанд...

**Ҳ. ЮСУФӢ**

Минбари халқ
2 марти соли 2016,
№9 (1041)

**БА ТАВАҶҶУҲИ ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ВИЛОЯТИ СУҒД ВА ШАҲРИ ХУҶАНД**

# ДАР ҶУСТУҶӮИ ЮСУФИ «ГУМГАШТА»

**Дер боз мехостам осорхонаи ин шахси бузургро, ки яке аз ихтироъкорони дақиқтарин глобус маҳсуб мешавад, зиёрат кунам, вале имкон даст намедод. Ниҳоят, чанде қабл бо сафари хидматӣ ба шаҳри Хуҷанд омадаму яке аз дӯстони рӯзноманигорам Абдусабур маро дар ин амри хайр ҳамроҳӣ кард. Гумон мекардам, ки осорхонаи мазкур қадамҷои мардум асту мо метавонем онро ба зудӣ пайдо кунем. Вале ҳайҳот… Чанд нафар аз бародарони аҳли фарҳанг, ки аз тариқи телефон тамос гирифтем, намедонистанд, ки осорхона дар кадом хиёбон ва ё кӯчаи шаҳр мустақар аст.**

## ВА Ё ЧАРО ОСОРХОНАИ ҲОҶӢ ЮСУФИ МИРФАЁЗ БА ХАРОБАЗОР ТАБДИЛ ЁФТААСТ?





*Осорхонаи Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз дар Хуҷанд*

**Н**ОИЛОҶ ба яке аз аберагони Ҳоҷӣ Юсуф, ки дар шаҳри Душанбе зиндагӣ дорад, занг зада, суроғаро пурсон шудам: - **Кӯчаи Шӯро 52,**-ҷавоб дод вай. Вале медонед, беҳтар аст, ки он ҷо наравед. Чанде қабл мо рафта будем, хеле бо табъи хира баргаштем. Хонаи бобои машҳури мо ба осорхона не, балки бештар ба харобазор шабоҳат дорад, -гуфт ӯ.

Боварам наомад. Наход хонаи яке аз олимони машҳури тоҷик, табиатшинос, ҷуғрофидон-харитасоз, донандаи улуми нуҷум, кайҳоншинос, дорусоз, табиб, мироб ва шахсе, ки яке аз дақиқтарин глобусҳоро таҳия кардааст шуҳрати ҷаҳонӣ дорад, ба харобазор табдил ёфта бошад?! Ҳоҷӣ Юсуф дар борабари Аҳмади Дониш аз камтарин олимон ва адибони Осиёи Марказӣ буд, ки Императори Русия ба Санкт-Петербург даъват карда, дар ҳузури дарбор шахсан аз ҷониби худи ӯ бо медал ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шудааст. Ҳамин фикр маро азоб медод, ки чаро хизматҳои арзандаи шахсеро, ки дигарон қадр карданд, мо - ҳамватанонаш фаромӯш кардаем?

Победи хаёлу андешаҳои маҳзун ҳамроҳи Абдусабур ба кӯчаи Шӯро ворид шудем. Кӯчаи Шӯро дар маркази Хуҷанди қадима қарор дошта, кӯчаҳояш хеле танг аст ва дар он ҳанӯз аҳён-аҳён ҳавлиҳои кӯҳнабунёд ба назар мерасанд. Гоҳ пиёдаву гоҳ савора хона ба хона рақамҳоро аз назар мегузаронидем вале тӯли беш аз як соати ҷустуҷӯҳо ҳанӯз ҳам хонаи рақами 52 ҳеҷ ба назар намерасид. Гӯё рӯҳи поки Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз аз муносибати сарди мо-меросхӯронаш сахт ранҷида буду осорхонаи (сахҳтараш вайронаи) худро аз назарҳо пинҳон мекард. Аз чанд нафар пиру ҷавон суол кардем, ки хонаи Ҳоҷӣ Юсуф Мирфаёзи Хуҷандӣ, ки ихтироъкори глобус аст, куҷост, аксарият китф дарҳам мекашиданд. Пас аз хеле саргардониҳо гузорамон аз паҳлӯи чойхонае афтод, ки чанд нафар мардони солхӯрдаи содиқ ба анъанаҳои суннатӣ бо завқ шоҳмот мебозиданд. Абдусабур, ки сахт хаста шудани маро эҳсос мекарду илова бар ин, баъд аз кор боз думболи "хоста"-ҳои мани сайёҳ саргардон буд, хеле хурсанд шуд. - Ана инҳо аниқ медонанд, ки осорхона дар куҷост…



*Даромади осорхона*

### Ӯ ИШТИБОҲ НАКАРД

**М**ӮЙСАФЕДОНИ саргарми шоҳмотбозӣ бо таҳайюр ба ҷониби мо, ду меҳмони нохонда, ки ба шуғли дӯстдоштаашон халал расонда буданд, нигоҳ мекарданд. Яке аз онҳо аз суоли мо рамуз гирифту лаҳзае аз шоҳмотбозӣ фориғ шуда гуфт: - Мирфаёзи Хуҷандӣ? Ҳмм… Шояд манзури шумо Ҳоҷӣ Юсуфи Мироб бошад? Бале, ӯ бештар дар байни мардум бо ин ном маъруф аст… "Хона-музей"-и он кас дар тангкӯчаи дуввум, пас аз ҳамин чойхона…

Мо ба мӯйсафедони соҳибдил изҳори сипос намудему дарҳол ба манзили мақсуд шитофтем. Воқеан ҳам, дар тангкӯчаи дуввум назарамон ба дарвозаи қадимаи чӯбин афтод, ки равоқи он бо ҳарфҳои арабӣ кандакорӣ шуда буд. Яке аз ҳамсояҳо, ки садои моро шунида берун баромад, дарвозаро боз кард ва моро даруни ҳавлӣ ҳидоят намуд. Чун рӯз бегоҳ шудаву ба қавли мардум "вақти говгум" расида буд, чароғаки мобилиро рӯшан ва роҳрави дарозро убур карда вориди ҳавлӣ шудем. Ҳайҳот, ки дар ин вайрона асаре аз осорхона набуд. Ҳама чиз шикаставу валангор, фарши ҳавлӣ фурӯ рафта, ҷо-ҷо партовҳои паҳну парешон…

- Чанд муддат дар ин ҷо хобгоҳи Омӯзишгоҳи тиббӣ ҷойгир буд, гӯё худи Ҳоҷӣ Юсуф пеш аз марг васият карда буданд, ки хонаашонро ба мактаб табдил диҳанд, - бо хиҷолат гуфт ҳамсоя. Ин шикасту рехту партовҳо низ "мерос"-и ҳамон омӯзишгоҳ аст…

Ба меҳмонхона баргаштаму бо вуҷуди он, ки хаста шуда будам, то дергоҳ хобам намебурд. Андешаҳо маро ором намегузоштанд. Чаро имрӯз дар ҷомеаи мо эҳтироми як-ду муллои чалласавод болотар аз олиму адиб аст? Олимеро, ки сарашро дар маъбади илм сафед кардааст, то ҷомеа пеш равад, бо тамасхур "маълем" гӯён садо мекунему муллоеро, ки ду-се ояти Қуръони Каримро қориазёд карда "мефурӯшад", "тақсир", "ҳазрат", "шайх" унвон намуда, пеши ӯ сари таъзим фуруд меорем? Барои найрангбозоне мисли Шайх Темур қасру кӯшкҳо месозему осорхонаи Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз барин олимони соҳибкитоб ва шуҳрати ҷаҳонӣ доштаро ба харобазор табдил медиҳем?

### МУЛОҚОТ БО АБЕРАГОНИ ҲОҶӢ ЮСУФ

**Б**АЪДИ ба Душанбе бар гаштан тасмим гирифтам, ки қазияи осорхонаи Ҳоҷӣ Юсуфро пайгирӣ кунам. Бо ин мақсад бо набера ва аберагони Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз тамос гирифтам.

- Шояд зарурат надорад, - овози маҳзуне аз гӯшаки мобилӣ садо дод: -Мо борҳо ба мақомоти масъул муроҷиат кардем, даҳҳо мақолаҳо ҳам дар матбуоти даврӣ дарҷ шуданд, вале ҳеҷ яке суд накард. Осорхона чи хеле ки валангор буд, ҳамин тавр боқӣ монд…



*Глобуси Ҳоҷӣ Юсуф*

Ҳароина истодагарӣ кардаму ба мулоқоташон рафтам. Наберагону аберагони Ҳоҷӣ Юсуф маро дар ҳавлии хоксоронае истиқбол гирифтанд.

- Мо даъвогар нестем, ки ҳавлии бобоиямон ба мо баргардонида шавад, - нақл кард набераи Ҳоҷӣ Юсуф Муҳаббат Пӯлодова. - Мо танҳо ҳаминро мехоҳем, ки ин манзили муқаддас, ки ба тамаддун чунин шахсияти бузургро тақдим кардааст, обод шавад. Ба осорхонаи ҳақиқӣ табдил ёбад, то муҳаққиқон ё насли ҷавон ба он ташриф оварда, кору фаъолияти ин абармарди илмро омӯзанд. Завқи илму маориф дар дилашон ҷӯш занад ва ин манзил ба мактаби бузурги дарси хештаншиносӣ табдил ёбад. Охир Ҳоҷӣ Юсуф бузургтарин корҳои худро дар маҳдудаи ҳамин чаҳордевор анҷом додааст. Чаро он бояд вайрону валангор бошад? Наход иқдоми созандаи Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки номи садҳо шахсиятҳои бузургро аз нав эҳё кард, осори онҳоро нашр намуд ва ба онҳо ҳаёти дубора бахшид, ба баъзе мансабдорони соҳибмақоми мо дарси ибрат намешавад?

Чанд сол қабл, дақиқтараш соли 1995 собиқ Раиси вилояти Суғд Қосимҷон Раҳбарович (Роҳбар Қосим) барои таҷлили 155-солагии Ҳоҷӣ Юсуф ва 100-солагии глобусе, ки ӯ таҳия намудааст, конфронси илмӣ даъват намуд. Худи ҳамон сол бо талошҳои ӯ дар "Хиёбони ситораҳои Хуҷанд" нимпайкараи Ҳоҷӣ Юсуф гузошта шуд ва ягона глобусе, ки дар осорхонаи Самарқанд маҳфуз аст, нусхабардорӣ ва дар осорхонаи шаҳри Хуҷанд насб гардид. Аз ҳама муҳим, ӯ хобгоҳи Омӯзишгоҳи тиббиро аз ҳавлии Ҳоҷӣ Юсуф ба дигар ҷой кӯчонида, барои таъсиси осорхона замина фароҳам овард. Вале... - ҳамсуҳбатам як даста қоғазҳоро аз папка бароварда рӯи миз гузошт, - баъдтар кор дар ин самт боз кашол ёфт.

Қоғазҳои бо мурури замон зардшудаʀо як-як варақ мегардонам. Қарори Совети вазирони РСС Тоҷикистон (аз 31 декабри соли 1971, № 408), ки дар он хонаи Ҳоҷӣ Юсуф таҳти рақами 44 ҳамчун ёдгории таърихӣ-меъмории дараҷаи ҷумҳуриявӣ ба қайд гирифта шудааст. Мактуби Вазорати фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 24.05.1996,№1/431) бо имзои вазири вақт Б.А.Маҳмадов ба Ҳукумати вилояти Ленинобод ва Ҳукумати ш. Хуҷанд доир ба таъсиси осорхонаи Ҳоҷӣ Юсуф дар заминаи хонае, ки ӯ зиндагонӣ мекард. Мактуби Вазири фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. Маҳмадов (аз 16.08.1996, № 1/741) доир ба роҳ надодан ба хусусигардонии осорхона дар асоси муроҷиати набераи Ҳоҷӣ Юсуф олими геолог М. Пӯлодова, ки меросхӯри бевоситаи ӯ маҳсуб мешавад. Қарори Раиси вилояти Ленинобод (21.04.1998, № 92) "Дар бораи абадӣ гардонидани хотираи олим, сайёҳи машҳури тоҷик Ҳоҷӣ Юсуф ва садсолагии ихтирои глобуси ӯ" (дар асоси қарори мазкур 3 миллиону 500 ҳазор рубл маблағ ҷудо шудааст).

### ВА НИҲОЯТ...

**МАКТУБ** бо имзои мудири бахши фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш. Хуҷанд (таърих ва рақам надорад) ба сокини шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-Пӯлодова Муҳаббат оид ба он, ки мутобиқи пешниҳоди муаррих, профессор С.Маърофиев барои бунёд ва азнавсозии осорхонаи Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз соли 2011 аз буҷети Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш. Хуҷанд 19 980 сомонӣ ва соли 2013 аз ҳисоби буҷети дахлдори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 65 000 сомонӣ маблағ ҷудо ва сарф шудааст. (?!) Дар мактуб инчунин иттилоъ дода мешавад, ки соли 2014 низ дар осорхона таъмир идома ёфта, дар он "як конфронси калони илмӣ бо иштироки олимони Федератсияи Русия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Академияи илмҳои Тоҷикистон баргузор хоҳад шуд". Аз ҳама аҷибаш ин аст, ки дар поёни мактуб (шояд ба хотири дилбазан шудани ин баҳс) таъкид шудааст: "Бо Шумо тариқи телефонӣ гуфтугӯ карда шуда, доир ба иқдомҳои пешгирифта маълумот дода шуд. Ва Шумо бо шодмонӣ онро пазирой намудед."

### АММО...

**БА** чеҳраи маҳзуни фарзандони Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз назар афкандаву вайронаҳои "осорхона"-и ин олими маъруфро ба хотир оварда, дарк кардам, ки ин маблағҳои он замон хеле ҳангуфт ба ҷуз рӯйи қоғаз, ки ягона "санад" барои ҳисобот аст, ҷои дигаре сарф нашудааст.

- Медонед, солҳои охир моро чӣ ба ташвиш овардааст? - оҳ кашид абераи Ҳоҷӣ Юсуф Светлана Фаязова. - Замини ҳавлӣ аз ҷониби баъзе ашхос, намедонам бо иҷозаи кӣ бошад, ғасб гардида, масоҳати осорхона рӯз то рӯз танг шуда истодааст.

### ҲОҶӢ ЮСУФ МИРФАЁЗИ ХУҶАНДӢ КӢ БУД?

**БО** мақсади он, ки хонандаи азиз дар бораи Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз андаке маълумот пайдо кунад ва барои баъзе ниҳодҳои масъул бори дигар ин ёдрас шавад, дар маҳдудаи чанд сатр аз ҳаёт ва фаъолияти ибратбахши ӯ иттилоъ медиҳам:

Соли 1842 дар ш. Хуҷанд таваллуд ёфтааст. Падараш соҳиби коргоҳи абрешимресӣ буд. Мавсуф дар сафари ҳаҷ вафот мекунад ва Ҳоҷӣ Юсуфро дар синни шашсолагӣ бесаробон мемонад. Ҳоҷӣ Юсуф, ки дар дил завқи зиёд ба саёҳат ва ҷаҳонгардӣ дошт, дар дувоздаҳсолагӣ бо мақсади зиёрати қабри падараш ба корвони тоҷирони хуҷандӣ ҳамроҳ шуда, ба сафар мебарояд. Вале бо амри тасодуф дар хоки Арабистон аз корвон оқиб мемонад. Як нафар зоири тоҷик ба ҳоли кӯдаки сарсону бепарастор раҳмаш омада, ӯро зери ҳимояи худ мегирад. Ҳоҷӣ Юсуф дар яке аз маъруфтарин мадрасаи Қоҳира -"Ал-Азҳар" панҷ сол таҳсил ва ба хотири такмили дониш чанд соли дигар ба сифати устоди ин боргоҳи илм фаъолият мекунад. Дар синни 24-солагӣ ҳавои дидори Ватан бар дилаш асар мекунад ва ба шаҳри Хуҷанд бармегардад. Чанд муддат бо илмҳои дақиқ шуғл меварзад, вале ин саргармии ӯ ба рӯҳониёни ҷоҳил хуш намеояд. Ҳоҷӣ Юсуф бо муллоҳои мутаассиб, ки мағзашон бо хурофот заҳролуд гардида буд, муборизаҳои шадид мебарад, то чароғи илму маърифатро дар диёраш рӯшан кунад. Вале муллоҳои ҷоҳил ба ӯ тахаллуси "Ҳоҷӣ Кофир" дода, вазъияташро хеле танг мекунанд.

Ҳоҷӣ Юсуф маҷбур мешавад, ки дубора тарки Ватан кунад ва соли 1875 ба шаҳрҳои Оренбург, Маскав ва Санкт-Петербург ҳиҷрат кард. Ӯ дар ин давра зиёд кӯшиш кардааст, ки забон, адабиёт, таърих ва дигар илмҳои муосири русро фаро бигирад. Дар ин сафар, ки тақрибан 12 сол идома меёбад, Ҳоҷӣ Юсуф ба кишварҳои Туркия, Эрон, Сурия Миср, Марокаш, Алҷазоир, Юнон, Италия, Испания, Фаронса, Инглистон ва Олмон саёҳат мекунад. Ӯ дар синни 45-солагӣ боз ба Ватан бармегардад. Азбаски аксарияти кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳайати Русияи подшоҳӣ шомил гардида буданд, ӯ ба ҳайси мутахассис дар вазифаҳои мухталифи маъмурӣ, аз ҷумла муҳандиси соҳаи обёрӣ-яъне мироб, волии баъзе навоҳии уезди Хуҷанд ва ҳатто дар вазифаи мири Хуҷанд фаъолият намудааст.



*Медали "Мироб - дараҷаи II"*

Ин олими маъруф, ки шуҳраташ ҷаҳонӣ аст, соли 1924 дар 82-солагӣ оламро падруд мегӯяд. Қабл аз вафоташ ба фарзандонаш васият мекунад, ки мероси илмиашро ба давлат супоранд ва бигзор Ҳокимияти Шӯрой дар хонаи ӯ барои фазандони мардуми камбағал мактаб кушояд. Ин васияти ӯ ҷомаи амал мепӯшад.

### ГЛОБУСИ ҲОҶӢ ЮСУФ

**ТАВРЕ** ки дар боло зикр намудем, Ҳоҷӣ Юсуф олими мутафаннин буд ва дар рушди соҳаҳои тиб, табиатшиносӣ, харитасозӣ, нуҷум, риёзиёт, сарфу наҳв, адабиёт, мусиқӣ ва соҳаи обёрӣ (ирригатсия) кашфиёти нодир кардааст. Ӯ тақрибан 11 адад глобусҳои хурду калон сохтааст. Яке аз глобусҳои тартибдодаи ӯ ҳоло дар осорхонаи Самарқанд ва нусхаи он дар осорхонаи шаҳри Хуҷанд маҳфуз аст. Ҳоҷӣ Юсуф дар обёрии заминҳои бекорхобидаи водии Фарғона, аз ҷумла уезди Хуҷанд саҳми арзишманд гузошта, аз ҷониби Пристави уезди Хуҷанд бо камарбанди нуқракӯб ва дар пойтахти Русияи подшоҳӣ-шаҳри Санкт-Петербург бо медали "Мироби дараҷаи II" тақдир шудааст.

Барои таҳияи глобус нахуст аз ҷониби губернатори Самарқанд, баъдтар Генерал-губернатори Туркистон қадрдонӣ шудааст ва бо тавсияи онҳо ба Санкт-Петербург сафар карда, дар Сарское Село (қароргоҳи шоҳӣ) ба дидори Императори Русия мушарраф гардидааст.

**Глобуси нахустин тақрибан беш аз 150 сол қабл аз солшумории melодӣ аз ҷониби Кратет Маллскии Юнонӣ таҳия шудааст. Дар олами шарқ аз нахустин ихтироъкорони глобус Ҷамолуддини Бухорой ва Абӯрайҳони Берунӣ маҳсуб мешаванд. Аз қадимтарин глобусҳое, ки то имрӯз маҳфуз мондааст, глобуси машҳур бо номи "Себи заминӣ" аст, ки ҷуғрофидон ва харитасози маъруфи немис Мартин Беҳайм соли 1493 дар асоси харитаи Птоломей ва сайёҳ Марко Поло тартиб додааст.**

Ба арзиши илмии глобуси Ҳоҷӣ Юсуф аъзои Ҷамъияти ҷуғрофишиносии Русия, ки он замон яке аз марказҳои босалоҳияти илмии Аврупо маҳсуб мешуд, баҳои баланд додаанд.

Мо муваззафем, ки осори гаронбаҳо ва нодири ин олими барҷастаро ба насли оянда мерос гузорем, то пеши онҳо сарҳаму мунфаил набошем...

**Бахтиёр ҲАМДАМ**



*Пайвандони Ҳоҷӣ Юсуф*

**PS.** Вақте ки ин мавод таҳия мешуд, яке аз дӯстони аз қазия огоҳам тариқи телефон бо ман тамос гирифт: - Медонӣ, ҳозир аз тариқи телевизион чӣ навори аҷиберо дидам? Дар бораи осорхонаи Хуҷанд сужаеро намоиш доданд, ки муаллиф глобуси Ҳоҷӣ Юсуфро ба Абӯ Маҳмуди Хуҷандӣ (асри X) нисбат медод...

Равонат шод бод, Ҳоҷӣ Юсуфи Мирфаёз... Шояд тақсири мо авлодони носипосатро рӯзе бубахшӣ...

Мулоҳиза

# Ҷараёнҳои ғайриқонунӣ ва хатарҳои он ба ҷомеа

**Имрӯзҳо фаъолияти гурӯҳҳои террористию экстремистиро, ки ба таълимоти ислом ҳеҷ умумият надорад, ба тамоми мусулмонон мансуб медонанд. Ин гурӯҳҳо ислому Қуръони азимушшаънро барои ба даст даровардани идеалҳои сиёсии худ ҳамчун "ҳилаи шаръӣ" ба кор мебаранд. Дар асл, шариати исломӣ зуҳуроти номатлуб ва даҳшатноки терроризму ифротгароиро шадидан маҳкум намуда, мусулмононро ба ваҳдату бародарӣ, иттифоқу ҳамдилӣ, раҳму шаҳват, эҳтироми байниҳамдигарӣ, иззату икроми волидайн ва дар маҷмӯъ ба амалҳои нек ҳидоят менамояд.**

**ПАЁМИ** имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шароите ба Маҷлиси Олии кишвар ироа гардид, ки ҷаҳони муосир шоҳиди буҳрони амиқи идеологист. Яке аз зуҳуроте, ки ҳоло ба вабои аср мубаддал гардидаву ба амнияти аҳолии сайёра таҳдид менамояд, ин фаъолияти гурӯҳҳои ифротгарою террористӣ маҳсуб мешавад. Аз ин лиҳоз, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти муҳимии мавзӯъ, дар мавриди хатарҳои глобалӣ зуҳуроти нангинро "хатари аввалиндараҷаи ҷаҳони муосир" хондаву паёмадҳои нохуши онро "на камтар аз силоҳи ядроӣ" арзёбӣ кардаанд.

Дар асл гурӯҳҳои ифротгарою террористӣ, экстремистӣ натанҳо ватану миллат надорад, балки пулҳо ва роҳҳоеро, ки миллату маҳалро ба якдигар пайваст мекунад, тарконда, тухми кинаву адоватро кошта, соҳилҳои тамаддуни башариро аз якдигар ҷудо мекунад. Мутаассиб ба воситаи назария ва амалияи худ меҳрро ба адолат табдил дода, барои ҷамъият оқибатҳои фалокатангезро эҷод мекунад. Ин ашхоси хушунатангез дар дохили миллату халқҳои олам буданд ва ҳоло ҳам ҳастанд. Миллати мо низ аз ин тазоди таърихӣ дар канор намондааст.

Хусусан баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар кишвари мо гурӯҳҳои мухталиф бо истифода аз холигии маънавию идеологӣ ба хотири ба даст овардани қудрати сиёсӣ бо дастгирии манфиатҳои гурӯҳии худ қувва ва маблағҳои зиёдеро барои ба ҷониби худ ҷалб намудани қувваҳои нав сафарбар намуданд. Аз ҷумла гурӯҳи Салафиён низ муборизаи худро дар солҳои 90-уми садаи гузашта дар Тоҷикистон ба ҳамин мақсад оғоз намуданд. Паҳн гаштани равияи мазҳабӣ бо номи салафия имрӯз ба яке аз муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти динӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ҷомеа табдил гаштааст. Ҳам дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ва ҳам дар гуфтугузори байни мардуми оддӣ баҳс дар атрофи салафиҳо ва ифротгароии он яке аз мақомҳои аввалро ишғол кардааст. Дар миёни мардум даҳҳо китобу наворҳо аз тарафи салафиҳо ва дигар гурӯҳҳо пахш гашта, хусусан, дар муҳити динии кишвар баҳсҳои ҷиддиеро ба миён овардааст.



Фаъолияти онҳо дар дохил ва беруни кишвар, паҳн шудани китобу наворҳои таблиғотии салафия дар Тоҷикистон, таҳсил дар марказу донишгоҳҳои исломии кишварҳои хориҷӣ ва ба тарафи худ ҷалб намудани донишҷӯёни тоҷик дар кишварҳои исломӣ боиси зиёд шудани шумораи аъзои ин гурӯҳҳо гардид. Умуман, чунин ба назар мерасад, ки салафиён аз ҷониби шабакаҳои амниятии бархе аз кишварҳо дастгирӣ меёбанд.

Тавре маълум аст, дар тӯли 1400 сол фарҳанги миллии тоҷикон дар омехтагӣ бо арзишҳои исломӣ ташаккул ёфта, арзишҳои бузурги башариро ба миён овардааст. Аммо равияи ваҳҳобӣ, ки имрӯз онро бо номи зоҳиран беозор ва нисбатан номуайяни "салафӣ" паҳн мекунанд, як мазҳаби бунёдгаро буда, фақат фаҳмиши арзишҳои қарни аввали исломиро қабул мекунанд ва тамоми он чизеро, ки баъдан мардум, аз ҷумла тоҷикон дар доираи фарҳанги исломӣ офариданд, инкор менамоянд. Мисоли мушаххаси ин мавқеи салафиҳо дар муносибати онҳо бо тасаввуф ва ирфон дида мешавад.

Онҳо тасаввуфро бидъат дониста, шахсиятҳои тасаввуфиро бидъаткор меҳисобанд. Аксари орифони бузурги фарҳанги мо, аз ҷумла Ҳаким Саноӣ, Шайх Аттор, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Абдураҳмони Ҷомӣ ва ғайра аз шахсиятҳои тасаввуфӣ буданд. Маълум аст, ки дар байни мардум беарзиш намудани чеҳра ва осори ин шахсиятҳои бузург боиси он мешавад, ки мо аз сутунҳои аслии фарҳанги миллии худ ва аз он сарчашмаи боэътимоде, ки имрӯз барои тарбияи ахлоқию маънавии насли наврас дар даст дорем, маҳрум мегардем. Ин амал ба фарҳангу маънавияёти имрӯзи ҷомеа ва ба масъалаи худшиносии миллии тоҷикон зарбаи шадид ворид менамояд.

Суди Олии Тоҷикистон равияи мазҳабии салафиро дар қаламрави кишвар ба ҳайси иттиҳоди экстремистӣ ё ифротгаро шинохта, бо ҳалномаи худ аз 8 декабри соли 2014 барномаҳои ин равияро низ бастааст. Ҳамин ниҳод ҳанӯз моҳи январи соли 2009 фаъолияти пайравони салафияро дар Тоҷикистон манъ карда буд. Бо вуҷуди он ки фаъолияти пайравони салафия дар кишвар мамнуъ аст, аммо ҳоло шумораи гаравандагони онҳо бештар шуда, бо роҳҳои ғайриқонунӣ сокинонро ба ин ҷараён ҷалб мекунанд. Пас мо бояд бо дарназардошти ин вазъият, бахусус авҷ гирифтани зуҳуроти номатлуби ифротгароиву терроризм беш аз пеш ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надода, аз ин ҷараёнҳову гурӯҳҳо ҷилавгирӣ намоем.

**Субҳон УСМОНОВ,**
*устоди донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайн*





# *НОМИ ГОРБАЧЁВУ ЕЛТСИН БА МАҲКАМА МЕРАВАД?*

**СИЁСАТИ** пешгирифтаи аввалин ва охирин Президенти СССР Михаил Горбачёв ва нахустпрезиденти Федератсияи Русия Борис Елтсинро бемуҳобот метавон табаддулоти давлатӣ, хиёнат ба Ватан ва қатл шудани теъдоди зиёди аҳолии мамлакат унвон кард. Бо чунин муроҷиат ва пешниҳоди далелҳои дигар узви Палатаи ҷамъиятӣ, президенти Маркази таҳқиқоти сиёсӣ ва иҷтимоии "Аспект" Георгий Фёдоров аъмоли ин ду сарвари вақтро ҳаволаи таҳқиқи мақомоти Прокуратураи генералии Федератсияи Русия намудааст. .

Номбурда зимни мусоҳиба бо оҷонсии Накануне.RU мегӯяд: "Ман чунин меҳисобам, ки сиёсати Михаил Горбачёв ва Борис Елтсин ҷомеаро дучори фалокат сохт. Якуминаш Иттиҳоди Шӯравиро барҳам зад, дуввумин ҳамаро, ки тӯли мавҷудияташ давлати коргару деҳқон барпо карда буд, ба нестӣ расонид. Мусаллам аст, ки дар марҳилаи бесарусомониву беҳокимиятии солҳои 90 -ум ришвахорӣ, хусусигардонии ғайриқонунӣ, ривоҷи нашъамандиву авбошии гурӯҳҳои мухталиф, фалаҷ шудани истеҳсолот вазъи молиявии шаҳрвандонро ба нуқтаи пасттарин фароварда, бар замми ҳамаи ин мудохилаи ҳарбӣ ба Чеченистон вазъи ноорому харобиовари Русияро муташанниҷтар гардонида буд."

Георгий Фёдоров ба хабарнигори ин оҷонсӣ иттилоъ медиҳад, ки вай ба Прокуратураи генералӣ нома навишта, тақозо кардааст, ки фаъолияти роҳбарии Горбачёв ва Елтсин мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор дода шавад:

"Ҳамагон бохабаранд, ки гуфтугӯйҳои телефонии Горбачёву Елтсин бо президенти ИМА Ҷорҷ Буш дар матбуоти даврӣ ба тафсил инъикос гардида буд. Аз ин сӯҳбатҳои телефонӣ хиёнат ба Ватанро ба зудӣ пайдо кардан имконпазир аст.

Ба ақидаи коршиносон хиёнат ба Ватан аз қонунҳои қабулнамудаи Горбачёв оид ба барҳам задани Иттиҳоди Шӯравӣ, бекор карда шудани нишондоди Конститутсияи СССР оғоз шуда, табаддулоти давлатӣ дониста мешавад. Елтсин ғайриқонунӣ фаъолияти Иттиҳоди Шӯравиро барҳам зада, соли 1993 табаддулоти ҳарбӣ карда буд. Ҷинояти дигари ӯ интихоботи ғайриқонуниаш маънидод мешавад. Зеро дар ин интихобот ғалаба насиби Зюганов гардида буд, лекин Елтсин ба сари ҳокимияти Русия ғайриқонунӣ нишаст.

"Ман чунин меҳисобам, ки Горбачёв ва Елтсин ҷинояткорони давлатианд. Натиҷаи роҳбарии Горбачёв парокандагии СССР буд. Зимни роҳбарии вай ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардида, якчанд халқиятҳо генотсид карда шуданд, мегӯяд ба оҷонсии Накануне.RU роҳбари ҳизби "Родина" Фёдор Бирюков ва илова менамояд, ки барои ин ҷиноят Горбачёв натанҳо ҷавоб надод, балки дар Аврупо питсаро реклама карда, дар лексияҳои такрор ба такрори худ ба аврупоиён чӣ тавр барҳам задани муқтадиртарин давлати ҷаҳон - СССР-ро нақл мекард.

Ҳукмронии Борис Елтсин бо фалаҷ шудани сохтори офаридаи ӯ хотима ёфта, худаш чун нафари майзадае, ки дигар аз дасташ коре намеомад, табдил ёфт. Замоне, ки ӯ идораи Русияро ба дигарон вогузошт, анқариб буд, ки ин давлати беҳадду канор ба қисматҳо тақсим шаваду ҷанг дар Қафқоз иқтисоди бе ин ҳам фалаҷи кишварро ба чоҳи чуқур тела медод. Бо назардошти ин омилҳо Елтсин ба маънии том ҷинояткори сатҳи давлатӣ мебошад."

Ҳамчуноне ба мушоҳида мерасад, баргузории протсесси судӣ нисбати ин ду нафар ғайриимкон аст. Зеро Михаил Горбачёв дар кишварҳои аврупоӣ зери сояи ҳимоятгаронаш фароғати пиронсолӣ дораду дуввуми Борис Елтсин дар қайди ҳаёт нест. Ва номи ӯ тавассути ақидаҳои он, ки "Елтсин ба мо демократия ва озодӣ ато кард", ёдоварӣ гардида, аксҳояш дар осорхонаҳо чун сарвари қаблии Федератсияи Русия ёдоварӣ карда мешавад.

Коршиносони Русия бар ақидае мебошанд, ки баргузории "Нюрнберг"-и Русия ғайриимкон аст, вале зарур аст, ки дар китобҳои фанниву маводи таърихӣ Горбачёв ва Елтсин на чун фарзонагони даврон, балки ба таври объективӣ инъикос ёбад.

"Зарур аст, ки ба фаъолияти ҳарду баҳои ҳаққонӣ дода шавад. Дар ҳеҷ ваҷҳ набояд Елтсин ҳимоятгари Русия қаламдод шавад. Гӯиё вай ба русҳо озодӣ дод, дар асл бошад ин озодиро ба мо Сталин ато карда буд. Мо таҳти роҳбарии вай аз болои миллатгароёни немис ғалаба ба даст оварда будем, мегӯяд Биюков ва илова менамояд, ки вақти он расида ки "Елтсин- сентр"-ро на дар Екатеринбург , балки дар ягон ҳабсхонае, ки дар он ҷинояткорони иқтисодӣ нигоҳдорӣ мешаванд, мустақар намоянду дар он Форумҳои соҳибкориро бо усули Гайдарови барпо кунанд.

Ҳамчуноне ба мушоҳида мерасад, дар атрофи фаъолияти ин ду сиёсатмадор дар Русия гуфтугӯйҳои ҷиддӣ сурат мегиранд. Ба ин иқдом аъзои ҳизби пешбар- "Единая Россия" низ мароқ зоҳир намудаанд, мегӯяд вакили Думаи давлатӣ -аъзои ин ҳизб Евгений Фёдоров. Мо вакилон аз ҳама фраксияҳои гуногун чандин маротиб барои баррасии ҳаққонии фаъолияти Горбачёву Елтсин ба Прокуратураи генералӣ муроҷиат кардем, вале онҳо дар ин амал камҳаракатӣ менамоянд. Аминем рӯзе мерасад, ки ба онҳо баҳои ҳаққонӣ дода мешавад.

Ба ин ақида сенатори вилояти Курган Сергей Лисовский низ ҳамфикр аст. Номбурда Горбачёву Елтсинро чун роҳбарони камфаъолият баҳогузорӣ кардааст. Сустӣ дар фаъолияти корӣ барои сарвар худ ҷинояти нобахшиданист.

Вақт довар хоҳад буд, ки сиёсатмадорону таърихнависони Рус ба фаъолияти Михаил Горбачёв ва Борис Елтсин чӣ гуна баҳогузорӣ хоҳанд кард.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

Амали хайр

# Табобати «Интернатсионалистон» ройгон аст

**Вақте ки Анвар мактаби миёнаро хатм намуда, бо номаи камол ба назди падар омад, чунин суханони табрикотии қиблагоҳро шунид:**

**- Муборак бошад, писарам, ки камол ёфтӣ, акнун насиҳати ман ба ту ҳамин аст, ки касби духтуриро ёд бигир, мисли Фатҳуддин ва Амиршо табибони донишманд шуда, ба халқ хизмат бикун.**



**Анвар ЛОЛАЕВ**

**ПАДАРИ** Анвар - ронандаи деҳа Нуралӣ Лолаев фарзандони худро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ ва ахлоқу одо-би нек тарбия намуда, мушоҳида мекард, ки хешовандонаш Фатҳуддин Шарифов ва Амиршо Раҳимов табибони ҳозиқ ва ниҳоят хушмуомила ҳастанд. Ин духтурон бисёр беморонро аз дами марг наҷот бахшида, ба обрӯю эътибори баланд сазовор гардидаанд. Сокинони ноҳияи Восеъ онҳоро басе эҳтиром менамоянд. Бинобар ин падар орзу дошт, ки писараш мисли онҳо хизматгори халқу ҷамъият бошад.

Анвар ҳамин ҳидояту панди падарро раҳтӯшаи худ намуда, соли 1989 аз зодгоҳаш - деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъ ба шаҳри Душанбе омад ва баҳри таҳсил ҳуҷҷатҳояшро дар Донишгоҳи тиббии ба номи Абӯалӣ ибни Сино супурд. Ӯ, ки мактаби миёнаро бо баҳои хубу аъло хатм намуда буд, дар имтиҳоноти қабул муваффақ шуд ва ба унвони донишҷӯ мушарраф гардид.

Солҳое, ки Анвар дар донишгоҳ таҳсил менамуд, давраи нобасомониҳо дар пойтахти кишвар ва дигар минтақаҳо буд. Вале ӯ андарзи қиблагоҳро ҳамеша ба ёд гирифта, рӯзону шабон дил ба омӯзиши ҳарфу ҳикмати устодон дода буд ва илму дониши худро бо корҳои амалӣ пайваста такмил мебахшид. Ҳамин тавр шаш соли таҳсил зуд сипарӣ гардид.

Вазорати тандурустии ҷумҳурӣ табиби ҷавон Анвар Нуралиевич Лолаевро ба ноҳияи Восеъ фиристод. Мудири шуъбаи тандурустии ноҳия Қурбонхӯҷа Усмонов ӯро бо хушнудӣ истиқбол намуд ва гуфт:

- Додарам, хуб шуд, ки сари вақт ба кори шарофатманди табибӣ омадӣ. Ҳамин рӯз сардухтури дармонгоҳи деҳоти Қайнар ба рухсатии думоҳа иҷозат гирифт, вале аз ваҷоҳаташ маълум буд, ки бозпас намеояд. Бо боварии бузург туро ба ҷои вай сардухтури дармонгоҳи деҳот таъин менамоям ва ба корат муваффақият хоҳонам.

Ба ин дармонгоҳи деҳот, ки Анвари ҷавон масъул шуд, сокинони қишлоқҳои Қайнари Боло, Қайнари Поён ва Гулистон вобаста буданд. Дар моҳҳои таътили солҳои таҳсилоташ ӯ дар ин муассиса боре таҷрибаомӯзӣ карда буд, акнун сардухтури ҳамин шифохона таъин шудааст ва пешрафту тавфиқи кор ба маҳорати роҳбарию табибии ӯ иртибот дорад.

- Ҳамон вақт бисёр сокинони деҳот ба бемории гулӯзиндонак гирифтор буданд,- оғози фаъолияти табибии худро ба ёд меорад Анвар Нуралиевич,- ҳатто чанд нафар бар асари ин касалӣ фавтидаанд. Дар шифохона 12 нафар кормандон фаъолият доштанд, ки инҳо хоҳарон ва бародарони шафқат, момодояҳо ва фелдшер буданд. Ман сабақҳои устодонро ба ёд оварда, ба муолиҷа ва ҷилавгирии ин бемории хавфнок машғул гардидам.

Баъд аз ду соли хизмат дар ин дармонгоҳ Анвар Нуралиевичро ба маркази саломатии рақами 7-и шаҳри Душанбе ба кор даъват намуданд. Дар ин ҷо ӯ ба сифати табиби минтақавӣ ифои вазифа намуд. Аз хизмати ӯ қариб 10 ҳазор нафар сокинони кӯчаҳои ба номи Р.Набиев, Яккачинор истифода мебурданд.

Соли 1999 Анвар Нуралиевич бо пешниҳоди профессор Шералӣ Фозилович Раҷабалиев дар кафедраи неврологӣ 4 моҳ такмили ихтисос намуда, тахассуси табиби асабшиносиро омӯхт.

Ба ҳамин минвол Анвар Нуралиевич дар маркази саломатии мазкур ба сифати табиби асабшинос ба кор шурӯъ намуда, таҷрибаи бисёр андӯхт. Ва алҳол ӯ дар вазифаи мудири шуъбаи асабшиносӣ хизмат карда истодааст.

- Сабабҳои пайдоиши бемориҳои асаб зиёданд,- мегӯяд Анвар Нуралиевич,- аслан касалиҳои асаб аз лиҳози паҳншавӣ баъди бемориҳои дил ҷои дуюмро ишғол менамоянд.

Манбаъҳои пайдоиши ин беморӣ бисёранд: вобаста ба синну соли одам рагҳои хунгарди мағзи сар иллат меёбанд, истифодаи зиёди нӯшокиҳои спиртӣ, тамоку, муаммоҳои оилавӣ ва кор низ ба ривоҷи бемориҳои асаб меоваранд. Мутаассифона, дар ягон мамлакати дунё, ҳатто дар кишварҳои абарқудрат ҳам бемориҳои фишорбаландӣ, диабети қанд табобатшаванда нестанд. Инҳо одамро ба фалаҷи мағзи сар гирифтор карда метавонанд.

Ба шуъбаи бемориҳои асаби маркази саломатии рақами 7-и пойтахт бисёр иштирокдорони ҷанги Афғонистон низ муроҷиат мекунанд. Онҳо аз бемориҳои асаб шикоят менамоянд.

- Ин маълум аст,- мегӯяд Анвар Нуралиевич,- ҳар ҷанговаре, ки дар амалиёти ҳарбии ин кишвар ширкат варзидааст, албатта, гирифтори ягон бемории асаб мебошад. Табибони шуъбаи мо ҳамеша омода ҳастанд, ки ба собиқадорони ҷанги Афғонистон сари вақт кӯмаки ройгон расонанд. Онҳо дар вақташ бо супориши Ватан ба ин мулк раҳсипор шудаанд ва мо онҳоро ҷанговарони башардӯст мегӯем ва дар муолиҷаи бемориҳои онон доимо тайёрем!

**Бахтиёри МУРТАЗО**

Номаи бетаҳрир

# ОЁ БА ХОНАИ МЕРОСИИ МОДАРАМ ҲУҚУҚ ДОРАМ?

***Банда соли 1941 дар ноҳияи Ғарм таваллуд шудаам. Баъди заминҷунбии соли 1949 ҳамроҳи модарам Сайлӣ Қиёмова ба деҳаи Қадиҷӯйбори ҷамоати деҳоти Сабои ноҳияи Шаҳринав муҳоҷир шуда омадем. Барои мо аз ин ҷо 0,15 га замини наздиҳавлигӣ ҷудо карданд. Падарам, ки бармаҳал аз дунё гузашта буд, бо кӯмаки амакам Абдураҳим Каримов дар ҳамин қитъаи замин соли 1953 хона сохтем. Соли 1957 модарам бо сабаби беморӣ додараш Борон Юсуфовро ба наздаш даъват кард. Ӯ соли 1959 дар ҳамон ҳавлӣ дар паҳлуи хонаамон барои худ хона сохт. Ҳарчанде ки амакам А.Каримов ба ин зид буд. Соли 1961 баъд аз вафоти модарам ба омӯзишгоҳи №11 ноҳияи Шаҳринав дохил шудам. Соли 1964 онро хатм карда, ба ноҳияҳои Шаҳритӯс, Тоҷикобод ва Зафаробод ба кор фиристоданд. Соли 1966 дубора ба Қадиҷӯйбор, ба хонаи модарам баргаштам. Мутаассифона, тағоям Б.Юсуфов хоҳиш надошт, ки ман дар ҳавлии меросӣ зиндагӣ кунам. Рӯирост мегуфт, ки муддати 6 сол хонаи модаратро партофта рафтӣ, акнун дигар дар ин ҷо ҳуқуқи зиндагӣ кардан надорӣ.***

Ҳамон сол ба суди ноҳияи Ҳисор ва ҷамоати деҳоти Шаҳринав муроҷиат кардам. Баъди муроҷиат ду нафар намояндаи ҷамоат ва калонсолони деҳа омада, ҳавлиро байни ману тағоям-Б.Юсуфов баробар тақсим карданд. Вале ман боз дар андешаи "тағо ба ҷои падар аст, наход маро дубора пеш кунад" гуфта, дигар бепарво шудам. Афсӯс, ки ҳамон вақт хато кардаам, аз паяш нашудам, ки намояндаҳои ҷамоат ин тақсимотро тариқи "қарор" ҷудо кардаанд ва ё "санад" тартиб додаанд. Акнун ин маро дар вақти пирӣ сарсону саргардон кардааст.

Азбаски дар ҳавлӣ шароити дуруст надоштам ва касеро парвои ман набуд, баъди ду соли тақсимот ба Душанбе омада, то соли 2010, яъне то синни нафақа дар ин ҷо кору зиндагиро идома додам. Бо сабаби он ки хона (26 метри мураббаъ) барои ману ҳамсарам ва се писарам тангӣ мекунад ва зиндагӣ сол то сол мушкилтар мешавад, мехоҳам манзили меросии модарамро, ки вориси ягонааш ҳастам, соҳиб шавам.

Ҳарчанде бо писарони тағоям- Ғаюр ва Додарбек Юсуфовҳо, ки баъди вафоти падарашон алҳол дар ин ҳавлӣ зиндагӣ доранд, бо иштироки намояндагони ҷамоати деҳот ва калонсолони деҳа машварат оростем, аммо онҳо ягон шарти маро қабул накарданд. Маҷбур шудам, ки дар ин хусус аз болои онҳо ба суди ноҳияи Шаҳринав даъво кунам. Аммо суд даъвои маро ба эътибор нагирифт. Суди Олӣ низ даъвои кассатсионии маро баррасӣ намуда, ҳалномаи суди ноҳияи Шаҳринавро бетағйир монд.

Дар бораи ҳалномаи суди н.Шаҳринав, ки дар таърихи 14.05.с.2014 ба манфиати ҳамҷавобгарон Юсуповҳо баровард, лозим ва зарур донистам, ки тибқи талаботи моддаи 381, банди 2 оиди "Вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида" ҷавобҳои мушаххас гардонам.

Судяи суди марҳилаи зинаи аввал ҳалномаро ба манфиати ҷавобгарон Юсуповҳо бо он асоснок кардааст, ки гӯё ҷавобгарҳо муддати чанд соли истиқоматашон андози замин ва ҳаққи истифодаи қувваи барқро пардохт намудаанд.



Модоме, ки молики асосӣ бо сабабҳои узрнок тибқи талаботи моддаи 51 Кодекси манзили ҶТ ва моддаи 226 К Г ҶТ истифодабарандаи манзил, ки то ҳоло зиндагӣ карда дар асоси кадом қонун ҳуқуқ пайдо мекунад, ки бе қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии давлатӣ бе ризогии соҳибмулк ҳамаи боҷҳои давлатиро ба номи худаш пардохт мекунад. Ҳол он ки оиди гузаронидани хоҷагии модари марҳумам Қиёмова С. ба номи бародараш қарор ёфт нашуд.

Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 258 "Давомнокии муҳлати ба даст овардан" чунин гуфта шудааст: "Шахс, шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ, ки молики ашё намебошад, вале софдилона кушоду озод ва ба таври давомдор ба мисли амволи худ амволи ғайриманқулро дар тӯли понздаҳ сол соҳибӣ кардааст ё дигар амволро дар тӯли панҷ сол нигоҳ доштааст, ба ин ашё ҳуқуқи моликӣ ба шарте пайдо мекунад, ки соҳиби молик розӣ бошад ва ё шахси нигоҳдорандаи амвол соҳиби моликро суроғ карда ёфта, аз ӯ ба тариқи хаттӣ забонхат гирифта, дар асоси қарори суд ё қарори МИҲД бо тасдиқномаи идораи нотариалӣ соҳиби ашё мешавад, вагарна ҳаққу ҳуқуқ надорад". Судяи суди марҳилаи зинаи аввал ба ин ҳолатҳо сарфи назар кардааст.

Паҳлӯи дигари масъала он аст, ки судяи суди марҳилаи аввал моддаи 221 КГ ҶТ ва моддаи 256 Кодекси мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро асос оварда гӯё муҳлати даъворо, ки се сол муқаррар шудааст, ё тибқи талаботи моддаи 256 "Дар бораи муҳлати муроҷиат ба суд бо ариза дар бораи мавриди баҳс қарор додани қарор, амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ дар муҳлати се моҳ, ки ӯ аз вайрон гардидани ҳуқуқ ва озодиҳояш огоҳ шудааст, муроҷиат кунед". Вале ман аз огоҳӣ надоштан муроҷиат накардам. Аввалаш дар он аст, ки ин ду моддаи зикргардида бархилофи моддаҳои 231 ва 232 қ. 5 КГ ҶТ буда, маънои онро надорад, ки дар муҳлати пешбинишуда ҳуқуқи озодиҳои ман аз манзилам маҳдуд шуда бошанд. Ин модда танҳо маънои онро дорад, ки ҳангоми шахс манзили зисташро мехарад, мефурӯшад ва ё туҳфа мекунад, эътибори қонунӣ дорад. Моддаи 256, ки баҳс байни моддаи 246 КГ ҶТ, ки оид ба "Сохтмони манзили худсарона сухан меравад, тааллуқ дорад".

Судяи суди марҳилаи аввал моддаи 51-и Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабҳои узрнокро, ки аз 9 банд иборат аст, шаҳр додааст. Суд бошад, ин ҷо сабабҳои хурдсолӣ, давраҳои таҳсил дар омӯзишгоҳ, техникум, то ба нафақа баромадан, фаъолияти кории манро сарфи назар кардааст. Илова бар ин суд хулосаи ташхисӣ судӣ сохтмонӣ-техникиро т/р № 21-4926-аз 04.12.2013с. асоснок карда, ҳалнома ва таъинотро ба манфиати ҷавобгарҳо Юсуповҳо мебарорад, ки айни ҳол ҳарду иморатҳо, ки яке соли 1953 ва дигаре соли 1959 бунёд шудаанд, деворҳояшон чи гунае, ки пеш сохта шуда буданд, вуҷуд доранд. Танҳо тағйирот дароварда шудаанд, ки тибқи талаботи моддаҳои 54 Кодекси манзил ва моддаи 424 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ бе иҷозати МИҲД ноҳия сохта шудаанд.

Ва ин ҷо боз ба маврид қайд кардан зарур мешуморам, ки аз солҳои 1931 то ин замон дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хусус дар деҳот ҳуҷҷатгузорӣ мавҷуд нест. Танҳо аз солҳои 1970 бинобар сабаби бекор кардани қарору қонунҳои кӯҳнаи давраи Иттиҳоди Шӯравӣ бо дарназардошти тағйирот даровардан оиди хариду фурӯш ва туҳфаи манзили зист (легализация) ҳуҷҷатгузорӣ барои гирифтани шиносномаи техникии ҳавлидорӣ, сертификати ҳуқуқи истифодаи замини назди ҳавлигӣ қарорҳои мушаххаси муқарраротии Пленуми Суди Олӣ оиди соҳибмулк эътироф кардан қарору қонунҳо амал карда истодаанд. Сабаб дар чист, ки имрӯз суди марҳилаи зинаи аввал ба ин қарорҳо сарфи назар карда, тибқи талаботи моддаи 143 "Дар бораи тадбирҳо оид ба таъмини даъвои суд бояд ҳамаи муомилотро оиди ҳабси молу мулке, ки ба ҷавобгарон мансуб аст, манъ мекард, то ки ҷавобгарҳо аз ҷониби МИҲМД ҳуҷҷатгузорӣ карда наметавонистанд.

**Шарофуддин ШАРИФОВ,**
*сокини шаҳри Душанбе,*
*маъюби дараҷаи 2*

Минбари халқ
2 марти соли 2016,
№9 (1041)

**Бархӯрд**

# ҶОНИБДОРИИ ҲУҚУҚИ БАШАР АЗ ИФРОТГАРОЁН

**Созмони ҳуқуқи башар (Human Rights Watch) дар якҷоягӣ бо Кумитаи Ҳелсинкии Норвежӣ (Norwegian Helsinki Committee) бемантиқона аз боздошти раҳбарият ва пайравони ошӯбгарии Ҳизби наҳзати исломӣ нигаронӣ карда, аз ҳукумати Тоҷикистон талаб намудаанд, то фаъолони Ҳизби наҳзати исломӣ бидуни таъхир раҳо гардида, ба фаъолияти озоди ду созмони террористӣ ва экстремистии ифротгаро - Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ва "Гурӯҳи 24" шароит фароҳам оварда шавад.**

**АСЛАН, ҳамин созмонҳои байналхалқӣ вазъияти оромро дар кишвар муташанниҷ мекунанду рафторҳои тахрибкорона доранд. Вақте нафаре, ё гурӯҳу қуввае ба ҷиноят даст зад, бояд дар назди қонун ҷавоб гӯяд. Аммо аз нигоҳи чунин созмонҳо баҳои воқеӣ дода намешаванд.**

**Ташкилотҳои хориҷии ба ном адолатпарвар вазъияти дохилиро таҳрик медиҳанд. Шояд дар ҳамон ҳодисаҳои рӯзи 4-уми сентябр ин гуна созмонҳо мавқеи пӯшида доштаанд, ки аз он ҷонибдорӣ мекунанд. Дар гузориши саропо буҳтон ба унвони давлати мо ба ин маънӣ омадааст, ки "моҳи сентябри соли сипаришуда бо баста шудани Ҳизби наҳзати исломӣ вазъи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон бадтар гардид". Аз ин бар меояд, ки Созмони ҳуқуқи башар на ҳуқуқи шаҳрвандонро таъмин месозад, балки аз ин мавқеъ сӯистифода мекунад.**

**Нигаронии Созмони ҳуқуқи башар (Human Rights Watch) ва Кумитаи Ҳелсинкии Норвежӣ (Norwegian Helsinki Committee) дар ҳоле садо дод, ки Сироҷиддин Аслов, вазири умури хориҷаи Тоҷикистон ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар нишасти Шӯрои ҳамкорӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ кард. Акнун ташкилотҳои хориҷӣ ба айбдоркунии давлату миллати тоҷик мепечанд, то ҷинояткоронро ба худ ҷалб созанд. Ҳарчанд раҳбарияти сатҳи болоии ҲНИТ дар воқеаҳои баамаломадаи моҳи сентябри соли 2015 мавқеи муайян ва раднопазир дорад, вале чунин созмонҳо аз қувваҳои тахрибкор ҳимоят мекунанд ва хостори раҳоии эшон мешаванд.**

**Бояд тазаккур дод, ки агар Созмони ҳуқуқи башар ба ҳоли худ гузошта шавад, яқин рабт доштани аъзои ин ҳизб дар ҳодисаҳои ахири кишварро рад мекунад. Ҳатто даъво ҳам пеш меорад, "Ҳукумати Тоҷикистон аъзои мухолифини сиёсии сулҳомезро ҳабсу боздошт ва шиканҷа мекунад. Ҳукумат ҳамчунин мунтақидонашро дар хориҷ таъқиб карда, дар пайи боздошту истирдоди онҳо ба Тоҷикистон аст". Боз бешармона талаб доранд, ки гунаҳкорон ва ҷинояткоронро раҳо намоянд. Ҳуқуқи башар барои манфиати чанд нафарро амалӣ намудан, ҳуқуқи кулли сокинони Тоҷикистонро поймол намуда истодааст. Тамоми сокинони кишвар мехоҳанд, ки гунаҳкорон бояд подоши сазояшонро бигиранд. На ин ки чанд созмони хориҷӣ аз он ҷонибдорӣ бикунанд. Ин ду созмон боздошти аъзои ҳизби мамнӯъшудаи наҳзати исломиро сиёсӣ хонда, аз Ҳукумати Тоҷикистон хостаанд, "нафаронеро, ки бо ангезаҳои сиёсӣ зиндон шудаанд, фавран ва бидуни қайду шарт озод кунад". Аммо масъулони ниҳодҳои байналмилалӣ ба давлати Тоҷикистон баҳои ғаразомез ва якҷониба додаанд, ки муҳтавои он вазъияти воқеии кишварро инъикос карда наметавонад.**

**Боздошти гунаҳкорон мутобиқ ба қонунҳои Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ амалӣ шудаву мешавад ва нигаронии Созмони ҳуқуқи башар бепоя аст, чунки дар қиболи интиқодҳояш аз давлату миллат ва Ҳукумати Тоҷикистон ягон далел ва асосе надорад. Дар ин ҷо хиёнати ҷиддии наҳзатиҳо ба мушоҳида мерасад, лекин андешаи ғаразноки ҳамин созмон аст, ки баръакс бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон бархӯрд ва муносибати ягона надорад. Бо ҳарки чӣ гунае, ки мехоҳанд, ҳамон гуна муносибат мекунад. Якеро интиқод мекунанду дигареро таърифҳои болохонадор. Мутассифона, як таҳаввуле миёни созмонҳои байналмилалӣ роиҷ аст, ки онҳо танҳо камбудиро мекобанд ва дастовардҳоро нодида мегиранд.**

**Рустам РАҲИМОВ**

**Музофот**

**Дар нишасти матбуотӣ раиси шаҳри Данғара Маҳмадулло Сайдалиев аз натиҷаҳои кордориашон дар соли гузашта ва нақшаю дурнамои оянда бо далелҳои боварибахш маълумот дода ,ба суоли хабарнигори ҳафтаномаи "Минбари халқ" (Шумо, ки аз дотатсияи давлат баромадаеду фоидаи соф ба даст меоред, барои пешравии хоҷагии халқи вилояту ҷумҳурӣ чӣ миқдор кӯмаки молиявӣ мерасонед? Ва аз ба иқтидори истеҳсолоти ноҳия пайвастани корхонаҳои бузурги саноатии минтақаи озоди иқтисодӣ чӣ гуна муждаҳои некро дар ин бахш метавон интизор шуд?) хеле ба таври муфассал посух доданд.**

# ДАНҒАРА ШАҲРИ САНОАТӢ МЕШАВАД



**БОИСИ** қаноатмандист, ки дар вилояти Хатлон аллакай чор ноҳия аз субвенсияи давлатӣ баромада на танҳо тариқи худмаблағгузорӣ иқтисодиёташонро пеш бурда тараққӣ медиҳанд, ҳамзамон онҳо як ҳиссаи фоидаи софи ба даст овардаашонро барои кӯмак расонидан баҳри рушди соҳоти фарҳангу иҷтимоиёти навоҳии имкониёташон маҳдуд ба буҷаи вилоят интиқол медиҳанд.

Соли 2015 бо ин мақсад беш аз 5 миллион сомонӣ ҷудо намуда бошанд, соли равон мувофиқи нақша ин кӯмак беш аз 3 миллионро ташкил хоҳад дод. Роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ қабл аз ноҳияи Ёвону Қӯрғонтеппа ва Ховалинг Данғараро ба ин зинаи ифтихорӣ ҳидоят намуда тавонистанд.

Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки дастовардҳои назарраси иқтисодӣ на танҳо боиси ҳамарӯза баланд гардидани некӯаҳволии халқ айни ҳол боиси ободонӣ, ривоҷу равнақ ёфтани тамоми соҳаҳои истеҳсолӣ, бахусус соҳибкории хурду миёна,саноат ва ғайра мегардад. Аз ин лиҳоз соҳибкории хурду миёна мунтазам дар рушд мебошад. Агар буҳрони иқтисодӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ теъдоди ин гуна субъектҳоро торафт кам карда истода бошад,шумораи онҳо дар Данғара меафзояд.Айни замон миқдори онҳо ин ҷо ба 1047-то мерасад, ки нисбати соли гузашта 129 адад зиёд мебошад.

Дар шароите, ки буҳрони иқтисодӣ муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистонро дар Русия ба мушкилот мувоҷеҳ намудаасту эшон иҷборан ба Ватан бармегарданд,дар ҳамаи навоҳии мамлакат таъсис додани ҷойҳои нави корӣ проблемаи рақами як мебошад. Бо ин мақсад порсол дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ 4502 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст.

Дар ин раванд илова ба 9 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи 146,5 миллион сомонӣ, ки дар ҳамаи бахшҳои хоҷагии халқ мавриди амалӣ шудан қарор доранд, корхонаҳои минтақаи озоди иқтисодӣ соли равон тавассути иқтидорҳои бузурги истеҳсолиашон дар қатори ғановати дучанд бахшидан ба буҷаи шаҳр ба кори ободонӣ ва муҳайё сохтани ҷойҳои нави корӣ саҳми беназир мегузоранд.

Ҳоло аз 31 корхонаи дар ин ҷо ба қайд гирифташуда дар 26-тоаш корҳои созандагӣ дар ҷӯш аст. Аз ҳисоби 5 корхонаи фаъолиятдошта соли гузашта ба миқдори 2,1 миллион сомонӣ андоз ба буҷа ворид шудааст. Порсол дар ин корхонаҳо 712 ҷои корӣ буд. Ин теъдод дар оянда бо усули прогресси геометрӣ зиёд мегардад.

Бузургтарини ин корхонаҳо иншооти коркарди нафт ба шумор меравад, ки иқтидори истеҳсолии солонаи он як миллиону 800 ҳазор тонна сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданист. Бунёду ба фаъолият оғоз намудани он дар соли равон теъдоди ҷойҳои нави кориро то 1,5 ҳазор афзоиш медиҳад.

Танҳо аз ҳисоби эксизи корхона ҷумҳурӣ 49 миллион евро фоида мегирад. Дар ин қатор фаъолияти густурдаи корхонаҳои қубурҳои пластмасӣ,сементбарорӣ, истеҳсоли шиша,сангу шағалмайдакунӣ ва маснуоти оҳану бетонӣ дар дохили минтақаи озоди иқтисодӣ дашти қарнҳо дар сукунат доштаро ҳамаҷиҳата набзи гарми созандагӣ бахшида, Данғараро пурра ба шаҳри саноатӣ табдил медиҳанд. Шаҳре ки тамоми навъҳои истеҳсолоти кишоварзиашро коркарди саноатӣ намуда, дар шакли тайёр пешкаши муштариёни бозор менамояд.

**Ғайбулло ҲАЛИМОВ**

# ММТ: *ЯТИМОНИ КУЛЛ АЗ ПАРДОХТИ МАБЛАҒ ОЗОДАНД*

**ТИБҚИ** қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ятимони кулл ва бепарасторон, ки хоҳиши дар ИМД-2016 иштирок карданро доранд, аз пардохти маблағ пурра озоданд.

Дар ин бора Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ дода, мегӯяд, шахсоне, ки дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД)-2016 аз қайд гузаштан мехоҳанд, арзиши хизматрасонӣ барои як довталаб 200 (дусад) сомонӣ барои бақайдгирӣ (асосӣ), даври 2-юми азнавбақайдгирӣ ва бақайдгирии иловагӣ ва барои даври 1 уми азнавбақайдгирӣ ва азнавбақайдгирӣ барои иштирок дар озмуни тақсимоти такрорӣ 20 (бист) сомонӣ муайян шудааст.

Манбаъ мегӯяд, арзиши хизматрасонӣ дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст ва шахсони барои иштирок дар ИМД-2016 аз қайдгузаранда маблағи муайяншударо дар яке аз филиалҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" бояд пешакӣ супоранд ва бо расид дар бораи пардохт ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба нуқтаи бақайдгирӣ ҳозир шаванд.

Бояд зикр кард, ки чун солҳои қаблӣ, тибқи қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ятимони кулл ва бепарасторон, ки хоҳиши дар ИМД-2016 иштирок карданро доранд, аз пардохти маблағ пурра озоданд. Шахсоне, ки падар ё модарашон вафот кардааст, барои иштирок дар ИМД танҳо 50 %-ро аз маблағи муайяншуда, яъне 100 (сад) сомонӣ пардохт мекунанд. Шахсони чунин имтиёздошта ҳангоми бақайдгирӣ бояд ҳуҷҷатҳои дахлдорро пешниҳод кунанд, омадааст дар хабари Маркази миллии тестӣ.

Инчунин Маркази миллии тестӣ хабар додааст, ки рӯйхати нуқтаҳои бақайдгирӣ, ки ҷиҳати таъмини дастрасии хоҳишмандон таҳия гардидааст, барои аз қайд гузаштани довталабон дар 26 шаҳру ноҳияи интихобии ҷумҳурӣ 28 нуқтаи доимии бақайдгирӣ ва дар 21 шаҳру ноҳия нуқтаҳои сайёри бақайдгирӣ ташкил карда мешаванд.

Бақайдгирии довталабон аз 1-уми марти соли ҷорӣ оғоз гардида, хоҳишмандон имкон доранд, ки дар яке аз нуқтаҳои бақайдгирии барояшон наздик аз қайд гузаранд.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

# ИЛОҶИ САРАТОН ЁФТ ШУД

**Бемории саратон яке аз масъалаҳои муҳими тиббию иҷтимоии дирӯзу имрӯзи соҳаи тандурустии умумиҷаҳонӣ боқӣ мемонад.**

**НОВОБАСТА** ба он, ки барои тибби ҷаҳонӣ саратон бемории наву ноошно нест ва сол ба сол техникаву таҷҳизоти наву замонавӣ барои ташхису табобати маризони ин навъи бемори фаъол гардонида мешавад, мутахассисон дар пешгирӣ, табобат ва коста гардонидани хурӯҷи он ба мушкилиҳои нав ба нав дучор меоянд.

Бино ба маълумоти олимони соҳа ба беморӣ то соли 2020 16 миллион нафар сокинони ин сайёра гирифтор хоҳанд шуд. Ҳол он ки соли 2000 дар саросари кишварҳои дунё шумораи умумии гирифторони саратон 10 миллионро ташкил медод. Ҳамчуноне аз ҳисоботи Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ва Агентии ҷаҳонии омӯзиши саратон бармеояд, гирифторшавӣ ба ин беморӣ аз соли 1999 то соли 2020 ду маротиба афзоиш хоҳад кард. Авҷи беморӣ дар кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз чунин кишварҳост, ба мушоҳида хоҳад расид, пешгӯӣ менамоянд, мутахассисони сатҳи байналмилалӣ.



Растани Явшон, ки дар забони русӣ онро Полин мегӯянду дар тиб бо номи - арметизин (Artemisia Annua) маълум аст, иқтидоре дорад, ки дар тӯли 16 соат 98% ҳуҷайраҳои саратониро аз тани бемор нест кунад, мегӯянд олимони Донишгоҳи Калифорния.

Бар ақидаи муҳаққиқони калифорниягӣ агар бемор арметизини яксоларо истеъмол кунад, 28% ҳуҷайраҳои саратони шуш ба нестӣ мерасанд. Дар сурати бо оҳан омехта кардани арметизин имкони ба пуррагӣ нест шудани ин навъи беморӣ фароҳам аст, мегӯянд олимон. Натиҷаи таҳқиқ собит менамояд, ки арметизин ҳуҷайраҳои саратониро танзим карда метавонад. Аллакай ширкати фарматсевтии "Sanofi" омода аст, ки истеҳсоли солонаи ин навъи гиёҳро то 50-60 тонна расонад.

Ёдовар мешавем, ки пештар ин растании талхмаза барои табобати бемории вараҷа (малярия) истифода бурда мешуд.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

# Стенокардия чист?



**Стенокардия бемории ишемиявии дил буда, аз калимаҳои юнонии стенос-танг ва кардия-дил мебошад. Стенокордия ин дарди дил аст, ки ҳангоми кори ҷисмонӣ, роҳгардӣ, баъзан баъди асабишавӣ пайдо мешавад.**

**МУСАЛЛАМ** аст, ки узву бофтаҳои организм ҳамеша энергия сарф мекунанд. Манбаи он кислород ва моддаҳои ғизоӣ мебошанд, ки якҷо бо хун меоянд. Хун кислород ва моддаҳои ғизоиро ба узву бофтаҳо дода, маҳсулоти кор карда баромадашударо аз онҳо мегирад ва ба воситаи раг ҷорӣ мешавад. Ин гардишро дил таъмин намуда, хунро ба узвҳо мерасонад. Барои иҷрои чунин кори азим дил низ моддаҳои ғизоиро талаб мекунад, ки бо воситаи рагҳои махсус расонида мешаванд. Масалан, дил тезтар кор кунад, бисёртар хун лозим мешавад ва рагҳои хунгард васеъ гашта, талаботи дилро қонеъ мегардонанд.

Агар кори дил зиёд шавад, талаботи он ба ҳаво ва моддаҳои ғизоӣ таъмин намешавад ва ба касалии ишемия оварда мерасонад. Тангшавии рагҳои коронарӣ (махсус) сабабгори пайдоиши атеросклероз мегардад. Атеросклероз бошад, дар натиҷаи хӯроки зиёд хӯрдан, афзудани вазн, суст шудани фаъолияти ҷисмонӣ, асабишавӣ, тамокукашӣ ба амал меояд.

Аз ҳад зиёд истеъмол намудани маҳсулоти хамирӣ, қаннодӣ, камҳаракатӣ ба зиёдшавии вазн оварда мерасонад. Равған ба девораҳои рагҳо часпида, онҳоро ғафс мекунад ва роҳи хунгард танг мешавад, ки ин боиси бемории атеросклероз мегардад.

Шарти дигар ин аст, ки ҳар кас бояд аз асабонишавӣ худро эҳтиёт кунад. Аз ҷанҷолу мағал худро канор гирад. Шахсоне, ки тамокукашанд бояд аз ин одати бад даст кашанд. Муқаррар шудааст, ки хуруҷҳои стенокардия ва сактаи дил дар байни чунин одамон 2-3 маротиба зиёд дида мешавад.

Агар мушкилоти стенокардия сар шуда бошад, чӣ бояд кард? Фавран дилро бо хун таъмин намудан, ғизодиҳии онро пурзӯр кардан лозим аст. Агар ҳангоми роҳгардӣ ё ягон кори ҷисмонӣ дард мушоҳида карда шавад, ба зудӣ ҳаракатро қатъ гардонед, кори дилро сабук кунед, ки боиси бартарафшавии дард мешавад.

Ба зудӣ зери забон нитроглитсерин ва валидол гузоред. Агар бо як таблеткаи нитроглетсирин дард қатъ нагардад, боз аз он истеъмол намоед ва ҳатман ба духтур муроҷиат кунед. Дар хотир доред, ки стенокардия бемории хеле ҷиддист. Тарзи дурусти ҳаёт, ёрии саривақтӣ, таҳти назорати духтур будан ташаннуҷу мураккабшавии онро пешгирӣ мекунад.

**Ҳ. АСРОРОВА,**
*табиби Маркази бемориҳои дил*





# ҲАДИСИ ОБ

**Аз чаҳор унсури ҳаётбахши табиат об, бешак, асоситарин ва қиматтарин неъмати Худовандист. Об натанҳо асоси мавҷудияти сайёраи замин, балки асоси ҳастии инсон мебошад. Фарзандони Одаму Ҳавво маҳз аз оби ҳаётбахш аз пушти падар дар раҳми модар ҳаст шудаанд.**

***"Ва Ӯ он Худо аст, ки аз об одамӣ офарид... Ва Парвардигори ту тавоно аст".*** (сур. Фурқон, ояти 54) Агар аз се ду ҳиссаи рӯйи замин об аст, пас, аз се ду ҳиссаи организм ё бунияи инсон низ аз об таркиб ёфтааст. Дақиқтараш бунияи кӯдаки навзод 83, калонсолон бошанд, 70 фоизашон аз об иборат аст.

Илм исбот намудаст, ки вуҷуди ҳамли шашрӯза дар батни зан 97,8 фоизаш об аст. Тақсимоти об дар организми инсон нобаробар аст: дар таркиби мағзи сар 90, хун 81, мушакҳо 75, пӯст ва ҷигар 70, устухон 20 фоиз об мавҷуд аст. Яъне, рамзӣ дар вуҷуди инсон як дарёи сершохобе дар ҷараён аст. Бо назардошти синну сол оби бадани организми инсон кам ва оқибат то ҳадде мерасад, ки дигар наметавонад ҳаётро дар вуҷуди инсон таъмин намояд, ки оқибаташ завол ё марг аст. Манзур марги табиист. Мисоли дигар. Чаро дарахт мехушкад? Чун решаҳо вазифа ё функсияи обрасонияшонро аз даст додаанд: бар асари буридан, нестшавии обҳои зеризаминӣ, беобӣ ва ғайра. Меваи аз дарахт канда низ муддате пуртароват мемонад, вале бо гузашти вақт, баъди бухоршавии обаш пажмурда, фасод гардида, ба пору табдил ёфта, нест мешавад.

Инчунин тамоми дигар махлуқоти зиндаи ғайриодамӣ низ офаридаи обанд. "Оё кофирон надиданд, ки осмонҳову замин баста буданд, пас, онҳоро во кардем; ва ҳар чизи зиндаро аз об пайдо кардем? Оё имон намеоваранд? (сур. Анбиё ояти 30) Воқеан ин муъҷиза-об моломоли асрор аст ва садсолаҳост олимони соҳаҳои гуногун пажӯҳиш ва тадқиқоти зиёде гузарондаву мегузаронанд. Аз ҳар як пажӯҳиш як асрор ва як паҳлӯи наву нодири обро кашф менамоянд. Тозатарин пажӯҳиш, чанде қабл анҷом ёфт. Олими рус С.В Зенин рисолаи диссертатсионии худро дар мавзӯи "Хотираи об" бомуваффақият ҳимоя намуда, боз як сирри дигари ин неъмати зиндагисозро кушод ва ба ҷаҳониён муаррифӣ кард. Муаллиф исбот намуда, ки дар вуҷуди об ҳудуди 44000, як навъ, лавҳачаҳои (панель) қабули ахбор мавҷуд аст, ки онҳо монанди нӯги торҳои асабҳои ҳискунанда (рецептор) ба таъсирҳои гуногуни муҳит таваҷҷуҳ намуда, онҳоро дарк намуда, вокуниш нишон медиҳанд. Ҳамин тариқ, илман исбот гардид, ки об сухане ё амалеро ба хотир мегирад, хушнуд ё ғамгин шуда, гоҳо қаҳр мекунад, қасос мегирад ва ғайра. Олими Ҷопонӣ ба се қадаҳ об гирифта якеро танқиду таҳдид ва дашном медиҳад, дигариро ситоишу васф мекунад ва ба сеюмӣ таваҷҷуҳ намекунад. Дар натиҷа, аввалӣ гандида мегардад, дуввумӣ мусаффотар мегардад, саввумӣ тира мешавад. Дар озмоиши дигар ба ду қадаҳ об гирифта ба аввалӣ мусиқии классикӣ мешунавонанд ба дигарӣ мусиқии роки вазнин. Сипас, зуд оби қадаҳҳоро ях мекунонад. Зимни тамошо бо заррабин мебинанд ки молекулла ва атомҳои обе, ки мусиқии классикӣ шунавонида шуд, монанди гули барф зебо, аз дуввумӣ парешону омехтаву сардаргуму баднамо менамояд. Мусаллам аст, ки оби уқёнусҳо ошомиданӣ набуда, шӯру бетамъ аст. Боре киштие ба садама дучор мешавад ва чанде маллоҳон бо нохудои киштӣ ба завраќе ҷон ба саломат мебаранд. Баъди якчанд рӯзи ранҷу ташнагӣ онҳо аз таҳти дилу имон бо ниёише ба уқёнус муроҷиат мекунанд. Муъҷиза рух медиҳад, об онҳоро мешунавад, оби уқёнус ошомиданӣ мешаваду онҳо ҷон ба саломат мебаранд. Дар Исландиямакони обҳои гарм, чашмаи шифобахш мавҷуд аст. Ҳар нафаре, ки хотираашро бар асари беморӣ ё садамае аз даст додаст, баъди нӯшидани ҷуръае аз ин чашма хотирааш барқарор мешавад. Ғусли таъмид додан, обпошӣ дар калисоҳои масеҳӣ, шарофати оби чашмаи Зам-зам, дуои дегдон дар об, оби дам, дуои таштоб, оби бандкушо, оби никоҳ ва дигар расму русуми динҳои башарӣ, зарфҳои обро гузоштан дар ҷараёни сеансҳои гипноз низ исботи муқаддасӣ ва волоияти ин муъҷизаи Худовандист.

**Абдуқодири АБДУҚАҲҲОР**

---

**Футбол**

# ҶАННИ ИНФАНТИНО - ПРЕЗИДЕНТИ НАВИ ФИФА

**Дабири кулли УЕФА Ҷанни Инфантино президенти нави Федератсияи байналмилалии футбол (ФИФА) интихоб шуд.**

Интихоботи ғайринавбатӣ барои ишғоли курсии президенти ФИФА, ки аз соли гузашта баъди барканории Зепп Блаттер холӣ буд, шоми 26 феврал дар Женеваи Швейтсария баргузор гашта, Инфантинои 45-сола бо гирифтани 115 овоз аз 207 овози мавҷуда пирӯз шуд.

Барои курсии президентӣ инчунин чор номзади дигар, Шайх Салмон Бин Иброҳим Ал-Халифа, президенти Конфедератсиюни футболи Осиё (88 овоз), Алӣ Ал-Ҳусейн шоҳзодаи Урдун (4 овоз), Жером Шампан (4 овоз) собиқ дабири кулли ФИФА ва Токио Сексвале аз Африқои Ҷанубӣ рақобат карданд.

Дар интихоботи ғайринавбатии президенти ФИФА намояндагони 207 кишвар иштирок карданд. Тоҷикистонро дар ин чорабинӣ Хуршед Файзуллозода, ноиби аввали президенти ФФТ намояндагӣ кард.

**И.ТОҲИР**




---


# «АХТАРОНИ АДАБ»

**беҳтарин силсилаи 50-ҷилдаи осори саромадони адабиёти дирӯзу имрӯзи тоҷик, аз ҷониби нашриёти "Адиб" ба нашр мерасад.**

- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - беҳтарин осори бузургони адабиёт аз устод Рӯдакӣ то устод Лоиқ,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - рӯйдоди беназири адабиву фарҳангӣ дар кишварамон,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - беҳтарин ҳадя дар зодрӯзи падару модар, фарзандон, дӯстон ва ҳамкорон,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - беҳтарин ёдгорӣ аз падару бобои ҳикматёр ба фарзандону набераҳои сипосгузор,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - беҳтарин зиннат ва ороиши ҷевони китоб дар хонаи Шумо,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - беҳтарин туҳфа барои ҳамаи ҷашнҳо,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - беҳтарин ҷоиза ба ғолибони озмуну мусобиқаҳо,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - хотираи фаромӯшношуданӣ аз дӯст ва рафиқ,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - нишони соҳибмаърифатии Шумо.

***Силсилаи 50-ҷилдаи "Ахтарони адаб"-ро аз мағозаи "Адиб" ва дигар мағозаҳои фурӯши китоб бо нархҳои муносиб метавонед дастрас намоед.***

**НИШОНӢ:** ш. Душанбе, хиёбони Н. Қарабоев 17 "а" мағозаи "Адиб".
**ТЕЛЕФОН БАРОИ ТАМОС:** 918-65-95-57, шахси масъул: Ҷамшед.



**МИНБАРИ ХАЛҚ**

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**
Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59
Идораи рӯзнома тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94
www.hamsafon.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Солеҳ Юсуфов, Ҳуринисо Ализода, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчин: Ҷамила Аҳмадова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*
**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**
**Теъдоди нашр: 50638 нусха**
Навбатдор: Ҳ. АЛИЗОДА


